آوازتاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

5 июли соли 2023
Чоршанбе
№ 53 (14960)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН АЗ РУШДИ МИНБАЪДАИ ҲАМКОРИҲОИ БИСЁРҶАНБА ДАР ДОИРАИ СҲШ ҶОНИБДОРӢ КАРД

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бинобар даъвати Сарвазири Ҷумҳурии Ҳиндустон Нарендра Модӣ 4 июл дар ҷамъомади навбатии Шӯрои сарони давлатҳои узви СҲШ, ки дар шакли конфронси видеоӣ баргузор шуд, ширкат варзид.**





Дар чорабинӣ, ки тахти сарварии ҷониби Ҳиндустон ба амал омад, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Тоқаев, Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Сзинпин, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Ҷапаров, Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Шаҳбоз Шариф, Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин Котиби генералии Созмони ҳамкории Шанхай Чжан Мин ва директори Кумитаи иҷроияи Сохтори минтақавии зиддитеррористии СҲШ Руслан Мирзоев иштирок карданд.

Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Иброҳим Раисӣ, Президенти Ҷумҳурии Белорус Александр Лукашенко, Президенти Муғулистон Хурэлсух Ухнаагийн ва Президенти Туркманистон Сардор Бердимуҳамедов, ҳамчунин Котиби генералии СММ Антониу Гутерриш ва роҳбарони созмонҳои байналхалқӣ ба сифати кишварҳои мушоҳид ва меҳмонони ифтихории ҳамоиш иштирок намуданд.

Мувофиқи рӯзномаи маҷлис бинобар масъалаҳои рӯзмарраи мавзӯи минтақавӣ ва байналхалқӣ мубодилаи афкор ба амал омад, пешомади вусъати минбаъдаи ҳамкориҳои бисёрҷанба ва муфиди тарафайн баррасӣ шуданд.

Роҳбари Ўзбекистон дар баромади худ ба тағйироти куллии дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ – пурзӯр гардидани шиддати геосиёсӣ ва афзудани зиддиятҳо, ба вуқӯъ омадани хатарҳои нави эътидоли ҷаҳониву рушди устувор, пешгирии хуруҷҳо дар соҳаҳои экология, амнияти хӯроквopӣ ва энергетикӣ баҳо дод.

– Вобаста ба ин зарурати ҷиддии ба роҳ мондани мулоқоти пурмуҳтаво ва муътамад зарур аст, – қайд кард сарвари кишвари мо.

Таъкид шуд, ки Ўзбекистон вобаста ба нақши асосии Созмони Милали Муттаҳид дар танзими талош ва зиддиятҳо, дар ҷустан ва қабул кардани қарорҳои дуруст ба мақсади таъмин сохтани сулҳу эътидол мавқеи мустаҳкам дорад.

(Давомаш дар саҳ.3). ⇨

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ҶАМЪОМАДИ ШӮРОИ РОҲБАРОНИ ДАВЛАТҲОИ АЪЗОИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ

Муҳтарам раис!

Муҳтарам роҳбарони ҳайатҳо!

Аз истиқбол намудани тамоми иштирокдорони анҷумани навбатии Созмони ҳамкории Шанхай самимона хушҳол ҳастам.

Ба суханони миннатдорӣ, ки имрӯз ба унвони Сарвазири Ҷумҳурии Ҳиндустон ҷаноби Нарендра Модӣ барои ташкили мулоқотамон садо дод, ҳамроҳ мешавам. Раисии нахустини Ҳиндустонро дар СҲШ, ки муваффақиятнок буд, таъкид менамоям.

Бо қаноатмандӣ мехоҳам таъкид намоям, ки ҳамкории бисёрҷанбаамон бинобар қарордодҳои анҷумани Самарқанд муттасил рушд меёбад. Мо ба татбиқи амалии қарорҳои қабулгардида оид ба минбаъд вусъатдиҳӣ ва ислоҳоти ташкилотамон шурӯъ намудем.

Аз фурсат истифода намуда мехоҳам ба табрикот ба унвони Президенти Эрон Иброҳим Раисӣ бинобар ба итмом расидани тамоми масъалаҳои тартиботӣ ва шомил гардидани Ҷумҳурии Исломии Эрон ба Созмони ҳамкории Шанхай мехоҳам ҳамроҳ шавам.

Ўзбекистон инчунин қарори қабулгардидаро дар бораи ӯҳдадориҳои Ҷумҳурии Белорус бо мақсади касб намудани мақоми давлати узви СҲШ комилан дастгирӣ менамояд.

Муҳтарам иштирокдорони ҷамъомад!

Ҳамаи мо гувоҳи тағйироти куллии ҷорӣ дар низоми муносибати байналхалқӣ ҳастем.

Мутаассифона, пурзӯр гардидани шиддати геосиёсӣ ва тезутунд шудани муноқишаҳо ба назар мерасанд, ҳарчи бештар таҳдид ва ситезаҳои бехатарии ҷаҳонӣ ва рушди устувор ба вуқӯъ пайваста, дар соҳаҳои экология, бехатарии озуқаворӣ ва энергетикӣ хатарҳо авҷ мегиранд. Бинобар ин ногузирии бебаҳс барои роҳандозии гуфтугӯи конструктив ва боварибахш равшан аст.

**Ўзбекистон нисбат ба мақоми маркази Созмони Милали Муттаҳид мавқеи принсипиалиро** дар бартарафсозии баҳсу муноқишаҳо, дар ҷустуҷӯ ва қабули қарорҳои муросокорона бо мақсади таъмини сулҳ ва субот ишғол менамояд.

Қобили қайд аст, ки барои мустаҳкам намудани гуфтугӯ ва боварӣ соли гузашта мо Ташаббуси ҳамбастагии Самарқандро ба хотири бехатарӣ ва шукуфоии умумӣ пешниҳод намудем.

Якҷоя бо СММ, дигар шарикони бонуфузи байналхалқӣ мехоҳем майдони доимии ин ташаббусро барои муҳокимаи шадидтарин мушкилоти мавзӯи ҷаҳонӣ, баҳогузории таъсири онҳо ба минтақаи беканорамон ва таҳияи пешниҳодоти муштарак ба нақша дароварем.

Ҳамтоёни муҳтарам!

Ҳамкории бисёрҷониба ва бисёрҷанбаро дар доираи СҲШ рушд ва мустаҳкам намуда, мо имрӯз мефаҳмем, ки муваффақияти ташкилот ба туфайли риояи бемайлони принсипҳои аслии он таъмин мегардад. Ин – мақоми бидуни блок, моилии қатъӣ ба шаффофият, баробарҳуқуқӣ ва қабули қарорҳо дар асоси мувофиқа.

Аз ҳама муҳимаш он аст, ки ҳамкориамон аз эҳтироми ҳамдигар ва пазироии конструктивии манфиатҳо, мавқеъҳо, назарҳо, фарқҳои мадании давлатҳои аъзо асос меёбад.

Дар марҳалаи мазкури рушди СҲШ **ҳифз ва пурзӯр намудани мақоми пешбарандаи Ташкилотро** чун сохтори босамари байналхалқӣ дар ҳалли масъалаҳои муҳими мавзӯи минтақавӣ фавқулода муҳим мешуморем.

Бинобар ин баргузор намудани руйхат намудани қарордод ва қарорҳои қабулгардида, аудити фаъолияти институтҳо ва механизмҳои ҳамкорӣ, тезондани иҷрои қарордодҳоро доир ба такомули ташкилотамон мувофиқи мақсад мешуморем.

Инчунин татбиқ намудани **лоиҳаи муштараки тадқиқотиро оид ба истиқболи рушди СҲШ дар доираи Форуми экспертӣ**, ки марказҳои миллии таҳлилиро муттаҳид менамояд, пешниҳод мекунем.

Натиҷаи чунин корҳоро мо метавонистем дар ҷараёни ҷамъомади навбатиамон баррасӣ намоем.

Муҳтарам иштирокдорони ҷамъомад!

Бо назардошти рӯзномаи маҷлиси мулоқоти имрӯза мехостам, ки пешниҳодоти мушаххасамонро доир ба рушди минбаъдаи ҳамкорӣ дар доираи СҲШ пешниҳод кунам.

**Якум.** Мустаҳкам намудани ҳамбастагӣ ва ҳамдигарфаҳмиро дар доираи ташкилот бинобар «Рӯҳи Шанхай» вазифаи калидӣ мешуморем.

Мо **дар бораи таҳияи Кодекси некҳамсоягӣ, эътимод ва шарикии фаросарҳадии СҲШ** ташаббус зоҳир менамоем. Қабул гардидани он имкон медиҳад, ки вазифаҳои бартаринок муайян гардад, бархурдӯҳои умумӣ ва чорабиниҳои маҷмӯӣ оид ба минбаъд мустаҳкам намудани ҳамкории бисёрҷанба дар шароити нав имкон медиҳад.

**Дуюм.** Минтақаи СҲШ ин фазои имконоти бузурги иқтисодӣ, платформа ва пойгоҳи захира барои рушди дарозмуддати босуботи ҳамаи мамлакатҳои иттиҳодамон мебошад.

Қариб сеяки маҳсулоти умумии ҷаҳон бинобар иқтидори харидорӣ ба ҳиссаи СҲШ рост меояд, қариб 27 фоизи сармояҳои бевоситаи хориҷӣ ва то 20 фоизи савдои ҷаҳонӣ низ ба он рост меояд.

Давлатҳои ташкилот бинобар нишондодҳои рушди индустриалӣ ва инноватсионӣ пешқадам мебошад, соҳиби потенсиали баланди зеҳнӣ, захираҳои ғании энергетикӣ ва аграрӣ ба шумор меравaнд.

Бинобар ин ҳоло бештар аз ҳама вақт **ташаббус дар бораи ташаккул додани фазои умумӣ** барои афзоиши савдои дохилии минтақавӣ ва ҳамкории саноативу технологӣ муҳим мебошад. Пешниҳод мекунам, ки ба ҳукуматҳо ва идораҳоямон таҳияи масъалаи қабули **Барномаи гуфтугӯи нави иқтисодии СҲШ** бо шомил гардидани чунин самтҳо, мисли рушди инноватсионӣ, рақамисозӣ ва роботизатсия, зеҳни сунъӣ, биотехнология, дорусозӣ ва дигар соҳаҳои индустрияи оянда супориш дода шавад.

Барои пеш бурдани чунин лоиҳаҳо ният дорем, ки дар Ўзбекистон **Ҳафтаи шарикии инноватсионии минтақаҳои давлатҳои аъзои СҲШ**-ро бо ташкил намудани намоишгоҳи муштараки технологияи баланд баргузор намоем.

**Сеюм.** Андешидани чорабиниҳои маҷмӯӣ доир ба пурзӯр намудани алоқамандии наклиётиву коммуникатсионӣ дар фазои СҲШ муҳим мебошад.

Ҳоло ҳозир мо чандин лоиҳаи стратегиро доир ба рушди шоҳроҳҳои Шимол – Ҷануб ва Шарқ – Ғарб пеш мебарем. Ба ин маъно шурӯи корҳоро доир ба лоиҳаи сохтмони роҳи оҳани Чин – Қирғизистон – Ўзбекистон қайд менамоем. Мо аз рӯи ин хат боркашонии мултимодалиро инкишоф медиҳем ва ҳамчунин аз тариқи Афғонистон ба самти бандаргоҳҳои Эрон ва Покистон бо баромадан ба бозорҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқи Наздик низ инкишоф медиҳем.

Бинобар фикри коршиносон, ба амал татбиқ намудани ин лоиҳаҳо имкон медиҳад, ки ҳаҷми боркашонӣ ба маротиб афзуда, инчунин харҷи наклиётӣ ба ҳаҷми сеяк коҳиш меёбад.

Таҳияи **Корти ягонаи алоқамандии наклиётии** давлатҳои СҲШ-ро мувофиқи мақсад мешуморем. Ин имкон медиҳад, ки «ҷойҳои танг» ва «камбудиҳо»-ро муайян намоянд, чораҳои аввалдараҷа ва лоиҳаҳоро барои ташаккули низоми умумии гаравидашудаи наклиётиву тронзит муайян намояд.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

# ИНФРАСОХТОРИ МАҲАЛЛАҲО БЕҲ МЕГАРДАНД

Пӯшида нест, ки як муддат ба шароити мавҷуда дар маҳаллаҳо беэътиноӣ зоҳир гардид. Касе кордор нашуд, ки бошандагони он дар ҷӣ вазъ умр мебаранд ва ҷӣ ҳол доранд. Ба дарди дили сокинони маҳаллаву деҳоти дурдаст гӯш надоданд, қариб буд, ки батамом аз назари эътибор дур, ҳатто бошандагонаш бе оби ошомиданӣ монанд ҳам, мутасаддиён парво накарданд...

Хуб шуд, ки ба туфайли дубора эътибор нигаронидан ба маҳаллаву деҳоти дурдаст инфрасохтори онҳо рӯ ба беҳбудӣ мениҳад. Сарвари давлат пайи ободонии маҳаллаҳо пайваста ғамхорӣ мекунад. Баробари ба имзо расонидани чандин ҳуҷҷат дар ин роҳ барилова ба мутасаддиён дастуру супоришҳои мушаххас ва саривақтӣ медиҳад. Зимни сафарҳо ба ҳудудҳо ҷамъомадҳои фосилавӣ мегузаронад. Дар ин гуна ҷамъомадҳо одамон имкон меёбанд, ки муаммоҳои мубрами ҳаёти ҳаррӯзаашонро ба миён гузоранд. Қарори Президент «Дар бораи чораву тадбирҳои оид ба минбаъд беҳ намудани инфрасохтори маҳаллаҳо дар солҳои 2022-2023» барои амалӣ сохтани як қатор корҳои шоёну бунёдкориҳо таконе бахшид.

Инро гурӯҳи рӯзноманигорон дар як сафари хидматӣ ба маҳаллаҳои ноҳияҳои даштии вилоят барьало диданд, ки ба ҳамин қарибӣ Садорати давлатии андози вилоят созмон додааст.

Маҳаллаҳои «Бӯстон» ва «Бахтлӣ» дар ноҳияи Арнасой воқеъ аст, зиёда аз панҷ ҳазор нафар аҳолӣ дорад.

Пуле, ки якчанд маҳаллаҳоро ба ҳам мепайваст ва аз он мактабиён, бачаҳои боғча ҳам гузар мекарданд, ҳоли ҳузновар дошт. Дар ин бора ба мутасаддиён аз ҷониби аҳолӣ муроҷиат омадааст. Ҳанӯз аз моҳи декабри соли 2022 корҳои таъмирии пул оғоз ёфта буданд. Корхонаи «Сувсоз» аз сатҳи об ба баландии 4 метр бунёд намудани кӯпрукро ба нақша гирифта буд. Инак, ҳоло дараҷаи мустаҳкамнокии пул хеле хуб аст.

Аз тарафи Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Вербуд» аз канали Оқбулоқ тавассути лӯла об кашида шуд.

Ба ғайр аз ин 7,2 километр дарозии роҳҳои дохилии маҳаллаҳои «Бӯстон» ва «Бахтлӣ» рӯйи таъмирро диданд. Иҷрои ин корҳо қариб се миллиард сӯм маблағ талаб кард. Дар натиҷа сокинони шаш кӯчаи ин ду маҳалла аз ин хеле хушҳолӣ ҳис мекунанд.

Дар Иттиҳоди аз об истифодабарандагони ба номи Мамаҷон Додоҷонови ноҳияи Дӯстлик низ 14 километр лӯлаҳои об таъмир ёфтанд.

Инфрасохтори дурдасттарин овул, маҳал ё деҳа батадриҷ рӯ ба беҳбудӣ мениҳад.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

## 9 июл – Рӯзи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

**2023 9-IYUL O‘ZBEKISTON RESPUBLIKASI PREZIDENTI SAYLOVI**

*Дар доираи тарғиботи пешазинтихоботӣ дар шумораи имрӯзаи рӯзнома матолиб бахшида ба дастгирии номзад ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз Ҳизби сотсиал-демократии Ўзбекистон «Адолат» — Робахон Маҳмудова ва номзад ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз Ҳизби экологии Ўзбекистон — Абдушукур Ҳамзаев чоп мегарданд.*

*Маводи мазкур дар доираи тарғиботи номзадҳо ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон бепул нашр мегарданд.*

**(Матолиби мазкур дар саҳифаҳои 2 ва 3 нашр мегарданд).**

# ДАВЛАТИ ҲУҚУҚИРО ДАР ЯКҶОЯГӢ БАРПО МЕНАМОЕМ




ADOLAT
SOTSIAL-DEMOKRATIK PARTIYASI

***Ҳоло дар ҳамаи мавзеъҳои мамлакатамон чорабиниҳои таблиғотии пешазинтихоботии номзадҳо ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон ба давраи пурҷўшу хурўш ворид шуд.***
***Бахусус, номзадҳо ба мақоми Президентӣ ба мавзеъҳо баромада, интихобкунандагонро бо мақсад ва вазифаҳое, ки дар барномаҳои пешазинтихоботии худ гузоштаанд, шинос менамоянд.***

Аз ҷумла, номзад ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат» Робахон Маҳмудова низ дар минтақаҳо бо интихобкунандагон вохўриҳо баргузор менамояд. Дар он интихобкунандагон бо пешниҳод ва ташаббусҳое, ки аз Барномаи пешазинтихоботии номзад ҷой гирифтаанд, шинос мешаванд.

Вохўрии номзад ба мақоми Президент бо интихобкунандагони **шаҳри Тошканд** дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Тошканд баргузор шуд. Тавре ки дар чорабинӣ таъкид гардид, ғоя ва вазифаҳое, ки дар барномаи пешазинтихоботии номзад ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Робахон Маҳмудова пешбарӣ мегардад, ба мақсадҳои барномавии Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат» ҳамоҳанг буда, дар ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиву давлатӣ таъмини тамоюлҳои адолатро дар назар дорад.

Дар вохўрӣ номзад Робахон Маҳмудова ҷамъомадагонро бо самтҳои устувори Барномаи пешазинтихоботии худ шинос намуд. Бахусус, ҳуқуқшинос будани аксари иштирокдоронро ба эътибор гирифта, ба пешниҳодҳои барнома доир ба соҳаи суду ҳуқуқ таваққуф намуд.

— Дар барнома ба ҳифзи боварибахши ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, пеш аз ҳама ба таъмини устувори қонун эътибори алоҳида нигаронида шудааст. Аз ин сабаб, мо ба як қатор пешниҳодҳое, ки ба таъмини **боварибахши мустақилии судҳо** нигаронида шудааст, пешбарӣ менамоем, — гуфт номзад ба мақоми Президент Робахон Маҳмудова. – Тавре ки ба ҳамаи мо маълум аст, ҳоло амалиёти ҳисоботдиҳии муназзами судяҳо аз рўйи фаъолияти худ ба Шўроҳои маҳаллӣ мавҷуд аст. Дар чунин ҷараён ҳолатҳои суолу ҷавоб оид ба **қарорҳои суди додхоҳон, корҳое, ки ҳоло ба охир нарасидаанд ё идома доранд**, вомехўрад.

Бино бар ин, мо ба мақсади таъмини мустақилии суд **бекор намудани амалиёти ҳисоботдиҳии судяҳоро ба Шўрои депутатҳои халқӣ** пешниҳод менамоем.

Инчунин, аҳолии Ўзбекистон, ки ҳоло рўз аз рўз зиёд мегардад, шумораи штатии додхоҳон нисбат ба аҳолӣ муносиб нестанд, аз ин сабаб, мо пешниҳоди **зиёд гардондани судяҳоро** дастгирӣ менамоем. Сабаби ин, ҳоло дар мамлакатамон агар ба **100 ҳазор аҳолӣ 3-4** нафарӣ судя рост ояд, ин нишондиҳанда дар Олмон **24**-то, Португалия **19**-то, Венгрия **29**-то, Хорватия **42**-то, Австралия **27**-торо ташкил медиҳад.

Бино бар ин, дар мамлакатамон дар давоми **соли 2022 як додхоҳ дар як моҳ** доир ба корҳои ҷиноӣ **180**-то, оиди корҳои шаҳрвандӣ **250**-то, додхоҳи суди иқтисодӣ бошад, **160**-то корро дида баромадааст.

Агар ба таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ назар афканем, **як додхоҳ дар як моҳ** дар ИМА **40**-то, дар Канада **50**-то, дар Ҷопон **10**-то, дар Олмон **15**-то ва Британияи Кабир **20**-то корро дида мебароянд.

Дар охири чорабинӣ иштирокдорон доир ба пешниҳоди барномавии номзад андешаҳояшонро ифода намуданд.

— Бо Барномаи пешазинтихоботии номзад шинос шуда, дидаем, ки дар он оиди таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва дастрас гардидани мустақилии судҳо ғояҳои мушаххас пешбарӣ шудааст, — гуфт депутати Шўрои депутатҳои халқи шаҳри Тошканд Тошпўлат Матибоев. – Ман бахусус, пешниҳоди афзоиш додани ихтисосннокии доваронро дастгирӣ менамоям. Ба амал татбиқ гардидани чунин пешниҳод ба ташаккулёбии ҳайати судяҳои ихтисосёфта оиди низоъҳо доир ба ҳифзи ҳуқуқи оила, меҳнат, зеҳнӣ ва ноболиғон хидмат менамояд ва самарабахшии корҳои дар суд дидашуда меафзояд.

Баробари ҳамин, дар Барномаи пешазинтихоботӣ ба дарҷ гардидани вазифаҳои ташаккулёбии маданият ва муносибати номуросокорона бо ришвахўрӣ дар байни ҷавонон, ҷорӣ кардани сиёсати **«дастони тоза»** ба фаъолияти шахсони бомансаб ва мақомоти давлатӣ ва дида баромадани чорабиниҳои таъмини устувории қонун низ таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад.

Вохўрии номзад ба мақоми Президент бо интихобкунандагони **Ҷумҳурии Қароқалпоқистон** дар Нукус баргузор шуд. Дар вохўрӣ намояндаи бовариноки номзад, раиси Шўрои Ҷумҳурии қароқалпоқистонии ҳизб Нурлибой Қайипбергенов ҷамъомадагонро бо тарҷумаи ҳол ва фаолияти меҳнатии номзад шинос намуд.

Баъд номзад Робахон Маҳмудова ба сухан баромада, интихобкунандагонро бо самтҳои устувори Барномаи пешазинтихоботии худ шинос намуд. Бахусус, доир ба зарурати ҳаллу фасл намудани мушкилоти экологӣ, якҷоя намудани саъю ҳаракатҳое, ки дар ин самт ба амал татбиқ мегарданд, дар навбати аввал, эътибори алоҳида нигаронидан ба ҷиҳатҳои иқтисодии мушкилот ҳарф зад.

— Имрўз ҳамаи мушкилоти экологӣ ва масъалаҳои ҳифзи тандурустии шаҳрвандонро, ки ба он вобаста аст, танҳо ба зиммаи буҷаи давлат гузорем дуруст намешавад. Аз ин сабаб, мо тарафдори принсипи **«Ифлоскунандаи экология бояд ҷубронпулӣ пардозад»** мебошем, гуфт номзад.

Тавре ки таъкид гардид, номзад дар барномаи худ масъалаҳои ҳаллу фасли мусбии мушкилоти экологии шаҳрвандонеро, ки дар минтақаи Арал умр ба сар мебаранд, пеш мегузорад. Аз ҷумла, пешниҳод карда мешавад, ки ҳамкориҳои наздик бо институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ ва ниҳодҳои экологӣ на танҳо дар микёси умумимиллӣ, балки барои ошкор ва бартараф кардани «камбудиҳои» қонунгузорӣ, ки бо ифлосшавии муҳити зист дар шароити қаламрави муайян, ҳифзи саломатии аҳолӣ алоқаманд бояд ба роҳ монда шавад.

Дар хотимаи вохўрӣ, ки дар рўҳи мулоқоти самимӣ баргузор шуд, фаъолони ҳизб ва якчанд нафар иштирокдорон оиди Барномаи пешазинтихоботии номзад изҳори ақида намуданд.

— Дар вохўрӣ бо ғояву мақсадҳое, ки дар Барномаи пешазинтихоботии номзад пешбарӣ шудаанд, шинос гардидем, — гуфт раиси «Аёллар қаноти»-и Шўрои Ҷумҳурии қароқалпоқистонии Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат» Улбосин Сейтҷанова. – Бахусус, **самти шашуми** барнома **ҷолиби диққат аст, ки ба масъалаи долузарби имрўза – экология ва ҳифзи гирду атроф бахшида шудааст. Бахусус, мо ба такмили низоми идоракунии давлатӣ дар соҳаи худудҳои табиии ҳифзшаванда таваҷҷуҳ зоҳир намудем, ки дар ин самт ҷиҳати таъмини он, ки тамоми сохтмон тибқи қонунгузории амалкунанда, бо дарназардошти вазъи экологӣ ва субот амалӣ карда шавад, тадбирҳои иловагӣ андешида мешаванд**.

Баромадкунандагони чорабинӣ иштирокдоронро даъват намуданд, ки дар интихоботи оянда номзадро дастгирӣ намоянд.

Вохўрии навбатии номзад ба мақоми Президент аз Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат» дар ноҳияи Қўштеппаи **вилояти Фарғона** баргузор шуд. Дар он депутатҳои Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис, фаъолони ҳизб, донишҷўён ва намояндагони воситаҳои ахбори оммавӣ ширкат варзиданд.

Намояндаи боэътимоди Робахон Маҳмудова Инъомҷон Қудратов ба ҷамъомадагон оиди номзад маълумоти муфассал дод.

Пас аз ин номзад ба мақоми Президент доир ба Барномаи пешазинтихоботии худ, пеш аз ҳама, дар он таҳти назар гирифта шудани мақсадҳои бузург, мисли дар роҳи рушди кишвар барпо намудани давлати ҳуқуқбунёд, таъмини афзоиши иқтисодиёти миллӣ ва адолати иҷтимоӣ, рушди соҳаи таълим, инноватсия ва илму фан, ҳифзи тандурустии аҳолӣ ва таъмини шуғли бонувон суханронӣ намуд.

— Фарғонаи моро бесабаб дурдонаи Осиёи Марказӣ наномидаанд, — таъкид намуд номзад, — вилояти Фарғона бо табиати нотакрори худ, таърихи куҳан, салоҳияти бузурги иқтисодӣ, заминҳои серҳосил, анъанаҳои бойи кишоварзӣ, пеш аз ҳама, бо одамони меҳмондўсту меҳнаткаш, соҳибкору чашмикордони худ тафриқа дорад.

Илова бар ин, дар вилоят **зиёда аз 400** иншооти мероси моддиву фарҳангӣ мавҷуд. Таъкид гардид, ки чунин мероси бузург ва бебаҳоро пухта омўхта, эҳтиёт намуда, ба авлоди оянда бенуқсон расондан яке аз вазифаҳои бошараф ва масъулиятноки мо ба шумор меравад.

Аз қадимулайём вилояти Фарғона ҳамчун маркази ҳунармандон ном баровардааст. Марғелон бо санъати абрешиму бофандагӣ, Риштон бо кулолгарӣ, Қўқон бо кандакорӣ дар чўб шуҳрат ёфтаанд.

Аз ин рў, дар Барномаи пешазинтихоботиамон ба идома додани арзишҳои миллӣ эътибори алоҳида медиҳем.

Инчунин, дар Барнома ба бо кор таъмин намудани занону духтарон, беҳтар намудани шароити корӣ, бахусус, занону духтарони деҳотро ба ҳунармандӣ, соҳибкории оилавӣ ва хусусӣ ҷалб намудан мақсади худ донистаем.

– Бо Барномаи пешазинтихоботии номзад ба президентӣ шинос шудем, – гуфт иштирокдори чорабинӣ Шаҳло Ғаниева. – Дар барнома масъалаҳои муҳими рушди мамлакат ҷой гирифтааст. Бахусус, таклифи баланд бардоштани мавқеъ ва фаъолнокии бонувон дар органҳои давлатӣ, муассисаву идораҳо ҳамаамонро хурсанд намуд.

Инчунин, дар барнома ташаббуси қабул гардидани қонун **«Дар бораи ҳифзи давлатии модар, падар ва кўдак»** пешбинӣ шудааст. Фикр мекунам, ин таклифи ниҳоят зарур ва ба арзишҳои миллии мо хос ба шумор меравад. Зеро ҳифзи оила – гарави рушди ҷамъияти солим мебошад. Бинобар ин барномаи номзад – **«Оилаи солим – ҷамъияти солим 2030»**-ро, ки бо мақсади таъмини рушди репродуктивии аҳолӣ таҳия намудааст, дастгирӣ бояд кард.

Вохўрии номзад ба президентӣ бо интихобкунандагон **дар вилояти Хоразм** дар филиали Урганҷи Донишгоҳи ахбору технологияи Тошканд барпо гардид.

Чорабиниро намояндаи бовариноки номзад дар вилояти Хоразм – ноиб-президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ўзбекистон, профессори Академияи Маъмуни Хоразм Икром Абдуллоев ҳусни ифтитоҳ бахшида, доир ба тарҷумаи ҳол ва фаъолияти кори номзад маълумот дод. Инчунин, намояндаи боваринок таъкид намуд, ки номзад дар барномаи пешазинтихоботии худ оид ба рушди давлат ва ҷамъият, фаровонии сатҳи зиндагии мардум таклифҳои пайваста пешниҳод намудааст.

Баъд аз ин Робахон Маҳмудова ба иштирокдорон дар хусуси самтҳои устувори пешниҳодоти худ, ки дар Барномаи пешазинтихоботиаш ҷой дорад, ҳарф зад.

– Ба фикрамон, доир ба ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон ва дар ин самт ба дастгирии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ барномаи алоҳида таҳия бояд кард. Дар ин росто, таҳияи механизмҳои ҳуқуқӣ, ки тақсимоти одилонаи даромади аз фаъолияти иқтисодии давлат ҳосилшударо таъмин мекунанд, вазифаи аввалиндараҷаи худ мешуморем.

Бинобар ин, мо рушди баробари иқтисодии байни минтақа, ноҳияву шаҳрҳоро дар як вақт таъмин намуда, низоми додани субсидиро дар минтақаҳо такмил дода, назорати ҷамъиятиро ба истифодаи мақсадноки онҳо, бо роҳи хусусигардонии дигар амволи давлатии объектҳои иҷтимоӣ ва муҳимтарин объектҳои стратегӣ пурзўр намуда, дар маҳалҳо ба шаҳрвандон имконияти интихоб кардан дода мешавад, боварӣ дорем, ки натиҷаҳои муайян ба даст меоянд.

Мо дар ин раванд, имтиёзҳои гумрук ва андозро такмил медиҳем ва бо додани имтиёзҳо ба бахшҳои мушаххас мутаносибан рушди минтақаҳоро таъмин мекунем.

Иштирокчиёни чорабинӣ ба баъзе масъалаҳое, ки ба Барномаи пешазинтихоботии номзад дохил шудаанд, алоҳида истода гузаштанд.

– Дар Барномаи пешазинтихоботии номзад доир ба рушди соҳаи кишоварзӣ низ як қатор таклифҳо пешниҳод шудаанд, ки ин хоҳиши аксарияти интихобкунандагони хоразмӣ гардид, – гуфт котиби матбуоти Шўрои вилояти Хоразми ҳизби сотсиал-демократии «Адолат» Замира Абдуллоева. – Чунки тарзи ҳаёти рўзмарраи як қисми аҳолии вилоят бевосита ба кишоварзӣ вобаста аст. Таклифҳои дар асоси илм ташкил намудани тараққиёти кишоварзӣ, бо роҳи ба ҳам пайвастани фан ва амалиёт ба даст овардани натиҷаҳои баланди иқтисодӣ, ки дар барномаи номзад муайян карда шудааст, дар навбати худ ба таъмини аҳолӣ бо кор низ ҳиссаи муносиб мегузорад.

Дар вохўриҳое, ки дар минтақаҳо баргузор мегарданд, ба суханбаромадагон таклифҳои дар Барномаи пешазинтихоботии номзад ба Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Робахон Маҳмудоваро, ки ба фаровонии халқ ва равнақи Ватан бахшида шудаанд, маъқул дониста, иштирокдорони чорабиниро ба интихоботи Президент аз ҳизби сотсиал-демократии «Адолат», ки 9 майи соли ҷорӣ баргузор мегардад, даъват менамоянд.

Вохўрии номзад ба Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат» – Робахон Маҳмудова бо интихобкунандагон давом дорад.

**Хидмати матбуоти Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат».**

## БА НОМЗАД БА МАҚОМИ ПРЕЗИДЕНТӢ АЗ ҲИЗБИ СОТСИАЛ-ДЕМОКРАТИИ ЎЗБЕКИСТОН «АДОЛАТ» — РОБАХОН МАҲМУДОВА ОВОЗ ДИҲЕД!

## ХАБАРҲО

### ҲАФТАВОРИ МЕРОСИ МАДАНИИ ЎЗБЕКИСТОН

***Аз ҷониби Вазорати маданият ва сайёҳии Ўзбекистон ва Ҷамъияти умумиҷаҳонии омўзиш, нигоҳдорӣ ва оммависозии мероси фарҳангии Ўзбекистон таҳти ҳамкорӣ бо як қатор вазорату идораҳои дахлдор ҳафтавори «Мероси мадании Ўзбекистон – асоси Ренессанси нав» баргузор мегардад.***

Айни замон ҳафтавори ташаббусҳои ҳамкории байналхалқӣ таҳти мавзуи «Ўзбекистони Нав: тараққиёт, инноватсия ва маърифат» рўйи кор меояд.

Дар чорабинӣ аз наздик 60 кишвари дунё бештар аз 100 нафар меҳмонон ширкат меҷўянд.

Маросими кушоиши ҳафтавор бо иштироки вакилони вазорату идораҳои гуногун, намояндагон аз созмонҳои байналхалқиву меҳмонони хориҷӣ, аҳли маданият ва санъат, журналист ва блогерҳо мутантан сурат гирифт. Дар Музейи давлатии таърихи Темуриён намоиш таҳти унвони «Дурдонаҳои даври Темуриён» ташкил гашт. Экспозитсияҳо эътибори иштирокдоронро ба худ кашиданд. Айни замон дар доираи ҳафтавор дар Музейи давлатии таърихи Тошканд, ки дар ҳузури Музейи давлатии таърихи Ўзбекистон ташкил ёфтааст, намоиши «Дурдонаҳои санъати амалӣ» ба амал омад. Экспонатҳо оиди санъати амалӣ ва ҳунармандии мардумӣ асосан мутааллиқ ба асрҳои 19-20 мебошанд. Намоиши «Дурдонаҳои санъати авангард» низ диққатҷалбкунанда сурат гирифт. Анҷуман ва суҳбатҳои даврӣ таҳти мавзўъҳои «Ўзбекистони Нав – роҳ ба сўйи рушди барқарор», «Муҳити қулайи тиҷоратӣ», «Ҷамъияти солим ва донишманд», «Диёре, ки қадри инсон баланд аст», айни замон вохўрӣ ва тақдимот қобили таваҷҷуҳ сурат мегиранд. Ҳафтавор то 7 июл давом мекунад.

### ТАНТАНАҲО ДАР «НАВРЎЗ»

***Боғи маданият ва истироҳати «Наврўз» воқеъ дар пойтахт намуди идона гирифт. Дар ин ҷо барои калонсолон ва хурдсолон ҷашнвораи маданияти шаҳр – Urban Fest рўйи кор омад.***

Барномаҳои фарҳангӣ-маънавӣ, дарсҳои маҳорат, озмунҳои гуногун, бозиҳои шавқбахш ба иштирокдорон писанд афтод.

Суҳбатҳо оиди муҳити шаҳр, имкониятҳои хубе, ки барои аҳолӣ дар ҷойҳои ҷамоатӣ офарида шудаанд, хусусан эътибори иштирокдорони хурдсолро бештар ба худ кашид. Ҷавобҳои хурдтаракон ба суоли «Шаҳр ба кӣ дахлдор?» ташкилкунандагони чорабиниро қаноатманд сохт. Викторинаҳо, озмуни «Беҳтарин рассом», дарсҳои маҳорат оиди «Лонаи паррандагон» ба хурдсолон як олам таассурот бахшид. Калонсолон аз барномаҳои рангини ҳунарӣ завқ бурданд.

### ДАР САФИ БАРАНДАГОНИ ҶОИЗАҲОИ АДАБӢ БАРОИ СОЛИ 2023

***Раёсати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон масъалаи додани ҷоизаҳои адабии ба номи Садриддин Айнӣ дар бахши наср ва ба номи Мирзо Турсунзода дар бахши назмро мавриди муҳокима қарор дод.***

Дар байни эҷдкороне, ки ба ҷоизаи адабии ба номи Садриддин Айнӣ сазовор шудаанд, адибаи самарқандӣ Маҳбуба Неъматзода низ ҳаст. Шеър, ҳикоя, чистон ва афсонаҳои М. Неъматзода, ки дар маҷмуааш «Шакардара» фароҳам омадаанд, адибаро муваффақ сохтанд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

## СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ҶАМЪОМАДИ ШЎРОИ РОҲБАРОНИ ДАВЛАТҲОИ АЪЗОИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ

(Аввалаш дар саҳ. 1).

Пешниҳод мекунем, ки ин масъалаҳо дар мулоқоти навбатии васеи вазирони нақлиёти мамлакатҳоямон бо васеъ ҷалб намудани ширкатҳои бузурги нақлиёту логистикӣ, операторон ва экспедиторон, таҳлилгарон ва мутахассисони соҳаи мазкур бо ҷузъиёташ баррасӣ гардад.

Инчунин умедвор ҳастем, ки шариконамон ташаббусамонро дар бораи дар Ўзбекистон ташкил намудани **Маркази байниминтақавии алоқамандиро зери шафоати Созмони Милали Муттаҳид** дастгирӣ менамоянд.

**Чорум.** Мехоҳам, ки дар масъалаи мавзўи «сабз» алоҳида таваққуф намоям.

Имрўз ҳамаи мамлакатҳоямон дар ин самт корҳои зиёд анҷом медиҳанд. Аммо танзими ҳарчи зичтар ва ҳамкории амалӣ дар майдони СҲШ доир ба масъалаҳои мутобиқсозӣ ба дигаргунии иқлим, декарбонизатсия ва татбиқи технологияи тоза, рушди кишоварзӣ ва ҳифзи оби оқил ногузир мебошад.

Соли ояндаро, ки Соли экология дар фазои ташкилотамон эълон гардида, дастгирӣ менамоем.

Дар доираи Барномаи «Камарбанди сабз» омода намудани **Нақшаи амали муштарак оид ба дастгирии лоиҳаҳои экологии минтақавӣ ва татбиқи технологияи** сабзро пешниҳод мекунем. Ин корро дар пойгоҳи Донишгоҳи омўзиши муҳит зист ва тағйирёбии иқлими Осиёи Марказӣ, ки дар Ўзбекистон таъсис меёбад, ташкил кардан мумкин аст.

**Панҷум.** Бинобар афзоиши хатари бехатарии озуқаворӣ якҷоя бо ФАО дар Ўзбекистон моҳи сентябри соли ҷорӣ баргузор намудани анҷумани байналхалқиро оид ба ин масъала ба нақша гирифтаем.

Сессияи алоҳидаи ин чорабинӣ ба ҳамкории давлатҳои СҲШ бо мақсади таҳияи принсип ва бархурдҳои умумӣ ба хотири саҳми амалӣ дар ҳалли масъалаи мазкур дар дараҷаи ҷаҳонӣ бахшида хоҳад шуд.

Аз ҳайатҳои мамлакатҳоятон даъват менамоем, ки дар кори ин анҷуман фаъол иштирок намоянд.

**Шашум.** Яке аз мавзўъҳои муҳим ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ ба шумор меравад.

Ҳоло хусусан норасоии маҳсулоти сайёҳии умумиминтақавии сифатнок ва арзон эҳсос мегардад.

Фаъол гардидани робитаҳоро байни маъмуриятҳои сайёҳӣ, операторон ва ширкатҳои ҳавопаймоии пешқадамро дар Соли рушди сайёҳӣ дар минтақаи СҲШ хайрамақдам мегўем.

Пешниҳод мекунем, ки дар пойгоҳи Донишгоҳи байналхалқии «Роҳи абрешим» дар Самарқанд **анҷумани муштараки илмиву амалӣ доир ба рушди индустрияи сайёҳии СҲШ** дар доираи анҷумани ҷашнии Ассамблеяи генералии Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ моҳи октябри соли ҷорӣ барпо гардад.

**Ҳафтум.** Мамлакатҳои СҲШ молики зарфияти ғании маданиву гуманитарӣ мебошанд.

Чунин мепиндорем, ки сиёсати ҳамоҳанггардида дар ин самт имкон медиҳад, ки мамлакат ва халқҳоямон боз ҳам наздиктар гардад.

Бинобар ин пешниҳод мекунем, ки ташаккул додани **Тақвими солонаи табдули муттасили фарҳангӣ** ба амал татбиқ карда шавад. Ба он баргузор намудани намоиши муштараки мероси нодири таърихии халқҳоямон, консерту сафарҳои ҳунарии театрӣ, анҷумани ҷашнвораҳои кино ва тақдимот, аз он ҷумла дар асоси платформаҳои электронӣ дохил мешаванд.

Барномаҳои илмиву таълимиро васеъ намуда, баргузор намудани кори бонизом доир ба тарҷима ва нашри осори адабии халқҳоямон ба забонҳои мамлакатҳои ташкилот муҳим мебошад.

Инчунин ташаббусро дар бораи тайёрии **Барномаи чорабиниҳо оид ба вусъат додани табодули ҷавонони «СҲШ – фазои ғояҳои эҷодӣ ва ташаббусҳои оянда»** пешниҳод мекунем.

**Ҳаштум.** Муттасил рушд намудани мамлакатҳоямон бо таъмини бехатарии маҷмўӣ ва ҷудонопазири бехатарӣ дар минтақа алоқамандии зич дорад.

Бо қаноатмандӣ дастгирии ҳамтоёнамонро аз ташаббуси мо оид ба фаъолсозии фаъолияти Сохтори зиддитеррористии минтақавии СҲШ таъкид мекунам.

Ҷонибдори **идома додани таҷрибаи ҷамъомадҳои сайёри Шўрои СЗМ**, ки салоҳиятнокии ин сохторро дар масъалаҳои оперативона таваҷҷуҳ намудан ба таҳдидҳои имрўз баланд бардоштан имкон медиҳад, ҳастем.

Инчунин тезондани тайёрӣ ва қабули ҳуҷҷатҳои муҳими бисёрҷониба – Шартнома дар бораи ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди ҷиноёт дар соҳаи технологияи иттилоотӣ ва Барномаи муштарак оид ба муқовимат бар зидди идеологияи экстремистӣ дар фазои СҲШ-ро ногузир мешуморем.

Татбиқи амалии ин ҳуҷҷатҳо ҷавоби муносиб ба таҳдидҳои тундравӣ, бартарафсозии кушишҳои қувваҳои зарарнок оид ба паҳн намудани идеологияи худ, пеш аз ҳама дар байни ҷавонон бояд гардад.

Ҳамтоёни муҳтарам!

Дар маҷлиси мо боз як масъалаи муҳим – вазъияти тағйирнаёбандаи мураккаб дар Афғонистон мебошад.

Мутаассифона, мушкилоти ин мамлакат ва фоҷиаи халқи Афғонистон дар мавзўи байналхалқӣ ба масъалаи дуюм табдил ёфт. Тамоми иқдоми вақтҳои охир дар дараҷаи байналхалқӣ ба натиҷаи дилхоҳ нарасонд. Муташанниҷ гардидани вазъи иҷтимоии аҳолии Афғонистон аз он гувоҳӣ медиҳад. Ҳамзамон ба андозаи назаррас ҳаҷми кумаки башардўстона кам гардид.

Чунин мешуморем, ки роҳи ягонаи халосӣ фақат ба роҳ андохтани гуфтугўйи муфид бо ҳукумати Афғонистон дар майдони Созмони Милали Муттаҳид мебошад.

Ва дар ин масъала бисёр чиз аз иродаи сиёсии давлатҳои Созмони ҳамкории Шанхай вобаста мебошад, ки онҳо ҳамсоягони бевоситаи Афғонистон ба шумор рафта, бештар аз дигарон аз пайдо намудани ҳалли дарозмуддати сиёсӣ манфиатдор ҳастанд.

Бинобар ин **барқарор намудани кори муштарак ва машваратро дар андозаи Гурўҳи тамоси «СҲШ – Афғонистон»** мувофиқи мақсад мешуморем.

Муҳтарам роҳбарони ҳайатҳо!

Дўстони азиз!

Дар поёни сухани худ мехоҳам ба табрикот ва таманноҳо ба унвони Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Кемелевич Тоқаев бинобар қабули рисолати раисӣ дар Созмони ҳамкории Шанхай шарик гардам.

Омода ҳастем, ки дар бобати татбиқи Барномаи калони изҳорнамудаи шумо зич ҳамкорӣ намоем.

Инчунин самимона аз шумо барои суханони гарм ва орзуҳои муваффақият бинобар интихоботи президентии оянда дар Ўзбекистон миннатдор ҳастам.

Боварӣ дорам, ки ҷамъбасти мулоқотамон, ташаббусҳои имрўз пешбаригардида ва қарорҳои муҳими қабулгарданда барои минбаъд васеъ намудани шарикии бисёрҷанба дар фазои СҲШ, амиқсозии ҳамдигарфаҳмӣ ва мустаҳкам намудани дўстии байни халқҳоямон хидмат менамоянд.

Барои эътиборатон ташаккур.



## Анҷумани «Бачаҳои Иттиҳод» поён ёфт

Тавре ки хабар дода будем, дар фароғатгоҳи бачагонаи «Семурғ» дар ноҳияи Бўстонлиқи вилояти Тошканд, зери унвони «Бачагони Иттиҳод: вобастагии ногусастании замонҳо ва наслҳо» бори ҳаштум баргузор гардид, ки дар он ҷавонони ҳашт кишвари аъзои ИДМ – Арманистон, Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон, Русия, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ўзбекистон ширкат намуданд. Онҳо ба сифати «аъзои» ҷавони порлумони кишвари худ дар мавзўъҳои гуногун талош намуданд ва ҳар яке бинобар мавзўъ аз суннату анъана ва расму оин ва манзараҳои мамлакати худ ба ҳар усул бозгўй намуданд. Намояндагони ҳар мамлакат бо навбат «Рўз»-и кишвари худро ташкил намуданд, ки Рўзи Тоҷикистон (дар сурат) аз ҷумлаи онҳо буд.

**Суратгир: Рамзиёр АТОЙ.**

## НАХУСТИН ГУЛЎЛАИ БОДӢ ГУЗОШТА ШУД

***Дар шаҳри Зарафшон нахустин 111 гулўлаи бодӣ гузошта мешавад, ки баландии ҳар якеи он 97 метр аст.***

Дарозии ҳар як парраки он 77 метрро ташкил медиҳад. 111 гулўлаи барқии бодӣ дар 500 МВт қувваи барқӣ истеҳсол мекунад. Иҷрои ин лоиҳаи бошукўҳ метавонад 500 ҳазор хонадонро бо ҷараёни барқӣ таъмин намояд.

Мутобиқи нақша истеҳсоли ҷараёни барқӣ то охири сол оғоз меёбад. Боиси таъкид аст, ки корхонаи мазкур бузургтарин истгоҳи барқии бодӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад.

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

# ҲИССИ МАСЪУЛИЯТ БАРОИ ИМРӮЗУ ФАРДО

## дар ҳадафҳои барномавӣ, ки дар онҳо имкониятҳои экологӣ афзалият доранд ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон кафолат дода шудаанд, инъикос ёфтааст




***Аз Барномаи пешазинтихоботии номзад ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз Ҳизби экологии Ӯзбекистон Абдушукур Ҳамзаев:***

***«Пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мо аст. Кафолатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии хидматчиёни давлатӣ таҳким меёбанд. Институти назорати ҷамъиятӣ ва шунавоии ҷомеа инкишоф дода мешавад, чораҳо оид ба густариши ошкорбаёнӣ ва шаффофият дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва тамоми сохтор, дар хариди давлатӣ пурзӯр карда мешаванд.***

***Ба таври куллӣ беҳтар намудани хидмати тиббӣ ба аҳолӣ, боз ҳам тараққӣ додани тибби халқӣ, баланд бардоштани дараҷаи сифати таълими пайгирона дар асоси таҷрибаи пешқадами хориҷӣ, рушди илму фан, боз ҳам такмил додани соҳаи маданияту маърифат вазифаҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад».***

Дар Барномаи пешазинтихоботии Абдушукур Ҳамзаев, номзад ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз Ҳизби экологӣ, **идоракунии давлат ва ҷомеа,** баланд бардоштани самаранокии ислоҳоти **суду ҳуқуқ**, ки дар ҳаёти ҷомеаи мо аҳамияти муҳим доранд, рушди минбаъдаи **соҳаи тандурустӣ**, инкишофи минбаъдаи **таълим, илму фарҳанг** вобаста ба **шароити табиӣ-техногенӣ пеш бурдани корҳои пайгирона** дар ҳамаи вазъиятҳои баамаломада, инчунин дар роҳи инкишофи самтҳои сиёсати берунӣ ва ҳамкории байналхалқӣ вазифаҳои амиқ ба миён гузошта шудаанд, ки аз ҷониби халқ пазируфта мешавад.

Номзад пеш аз ҳама ба мушкилоти экологӣ, ки дар Ӯзбекистон ва ҷаҳон муҳим дониста мешаванд, диққати калон дод. Ӯ ҳамчун олими дорои таҷрибаи чандинсола дар ин соҳа таклифҳои конструктивии худро оид ба ҳалли мушкилоти мавҷудаи экологӣ ба диққати интихобкунандагон пешниҳод кард.

Аз ҷумла, аз **тӯфонҳои чангу хок**, ки имрӯзҳо дар кишвари мо аксар вақт ба амал меоянд, ба саломатии инсон ва тозагии муҳити зист таъсири ҷиддӣ мерасонанд, аксарият дар ташвишанд.

Абдушукур Ҳамзаев номзад ба мақоми Президент аз Ҳизби экологии Ӯзбекистон барои рафъи оқибатҳои ин гуна ҳодисаҳо, ки метавонанд ба муҳити зист ва саломатии инсон хатари ҷиддӣ расонанд, як қатор ҳадафҳои барномавиро пешниҳод менамояд, ки барои рафъи оқибатҳои чунин ҳодисаҳои табиат бояд чӣ чораҳои зарурӣ дида шаванд.

Хусусан:

– бо мақсади пешгирӣ кардани тӯфонҳои рег дар вилоятҳои **Навоӣ, Бухоро, Хоразм ва Ҷумҳурии Қароқалпоқистон** барпо намудани **камарҳои сабз ва сипарҳои сабзро** тезондан;

— **тартиб додани харитаҳои минтақаҳое**, ки хавфи баланди **тӯфонҳои регу намак** доранд, дар чунин мавзеъҳо аз рӯйи барномаҳои махсус барпо намудани майдонҳои сабз. Ташвишовар аст, ки ин гуна манзараҳо, ки дар шимоли биёбон ва ҷануби кишвар маъмул гаштаанд, ҳоло ба минтақаҳои марказӣ низ кӯчида истодаанд. Аз ин рӯ, барои минтақаи Осиёи Миёна, хусусан барои мамлакати мо, зиёд кардани шумораи боғ ва майдонҳои сабзу хуррам хеле муҳим аст.

Масалан, чанд даҳсола пеш майдони сабз ба ҳар кас 50-60 метри мураббаъ рост меомад. Аммо дар шароити иқлими гарми мо дар Ӯзбекистон **барои як кас 100-200 метри мураббаъ майдони сабз** лозим аст.

Зеро дарахту буттаҳои сабз оксигени барои инсон заруриро тавлид мекунанд ва бо азхуд кардани гази ангидриди карбон ва дигар газҳои зарарноки атмосфера ҳаворо тоза мекунанд. Бинобар ин беҳуда нагуфтаанд, ки олами наботот шуши замин аст.

Мо ҳеҷ гоҳ аз рӯйдодҳои ғайричашмдошти табиӣ бо кафолат муҳофизат нашудаем. Офатҳои табиӣ ва техногенӣ ҳамеша ба ҳаёти одамон хавф доранд ва боиси талафоти калон мегарданд. Дар минтақаи Осиёи Миёна, ки аз ҷиҳати зилзила нисбатан фаъол аст ва нуқтаҳои зилзила вуҷуд доранд, зилзилаҳои дараҷаҳои гуногун мунтазам ба амал меоянд.

Албатта, пешгирӣ кардани ин гуна ҳодисаҳои табиат ё кай ба амал омадани онро амиқ пешгӯӣ кардан имконнопазир аст. Танҳо бо тайёр будан ба онҳо оқибат ва талафотро коҳиш додан мумкин аст.

Самти махсус дар барномаи пешазинтихоботии номзад ба мақоми Президентӣ Абдушукур Ҳамзаев, ки ба пешбурди корҳои мунтазам оид ба ҳама ҳолатҳое, ки дар натиҷаи шароити табиӣ ва техногенӣ ба вуҷуд меоянд, низ ба ҳамин ҳадафҳо нигаронида шудааст.

**Бо дарназардошти фаъолияти сейсмикии минтақаҳо** пешниҳод шудааст, ки **талабот ба сохтмони биноҳои бисёрошёна ва объектҳои соҳаи иҷтимоӣ** беҳтар карда шавад. Ин аз як тараф ба пешгирӣ намудани ҳодисаҳои вайрон кардани қонун дар корҳои сохтмон, ба зилзила тобовар будани биноҳо хидмат кунад, аз тарафи дигар, зиндагии бехавфу бароҳати мардуми моро таъмин мекунад.

Ғайр аз ин, **ба пешгирии тарма, хавфи обхезӣ, мустаҳкам намудани соҳили обанборҳо, ба вуҷуд омадани чоҳ ва ҷариҳо** диққати махсус дода мешавад. Наботот ва ҳайвоноти ба хушксолӣ ва омилҳои стресс тобовар зиёд карда, ба вуҷуд овардани навъ ва зотҳои нав ҳавасманд карда мешавад. Ин масъала, ки ба барномаи номзад дохил карда шудааст, бешубҳа дар роҳи аз офати табиӣ муҳофизат намудани халқи мо, қатъиян риоя намудани меъёру мувозинат дар муносибати инсон ва табиат иқдоми муҳим мегардад.

Дар барномаи пешазинтихоботӣ на танҳо масъалаҳои экологӣ, балки **идоракунии давлат ва ҷамъият**, ки дар ҳаётамон нақши муҳим дорад, инчунин **самарабахшии ислоҳот дар сохтори суд-ҳуқуқро** зиёд кардан, пешниҳоди зарурӣ ба миён гузошта мешаванд. Барои ҳар яки мо пӯшида нест, ки яке аз соҳаҳое, ки шаҳрвандон бештар дучор меоянд ва муроҷиат мекунанд, соҳаи ҳуқуқи суд мебошад. Муваффақ шудан ба кори дуруст, дақиқ ва якхелаи механизми фаъолият дар ин самт дар таъмини некӯаҳволии ҷомеа хеле муҳим аст. Ба ин маъно, дар барномаи пешазинтихоботии номзад ба ҳимояи боэътимоди ҳуқуқу озодиҳои инсон, дастгирии озодии баён ва таҳкими кафолатҳои фаъолияти воситаҳои ахбори омма, идомаи пайвастаи ислоҳот ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии адолати суд нигаронида шудааст.

Номзад ба мақоми Президент пешниҳод мекунад, ки **маблағгузории давлатии ҳама гуна фаъолияти иқтисодӣ, ки ба муҳити зист зарар мерасонад ва сифати зиндагии мардумро паст** мекунад, манъ карда шавад. Аз ин рӯ, дар татбиқи ҳама гуна лоиҳаҳо худи давлат намунаи ибрат нишон медиҳад, ки масъалаи экологиро дар мадди аввал мегузоранд. Пас аз он нигоҳубин ва ҳифзи дарахт, растанӣ, майдонҳои сабзу хуррам масъалаҳои иҷро кардан худ аз худ зиёд мешавад, ки дар соҳаҳои корӣ, истеҳсолӣ, сохтмон ва бисёр дигар соҳаҳо беэътибор мондаанд. Яъне, **ислоҳоти маъмурӣ дар соҳаи экология** дар сохтори идоракунии давлатӣ, чуноне ки дар барномаи пешазинтихоботӣ гуфта шудааст, босуръат ба амал бароварда мешавад.

Талаби замони имрӯза аз он иборат аст, ки дар мурофиаи суд тамоюлҳои баробарӣ ва баҳсу мунозира пурра ҷорӣ карда шаванд. Танҳо дар он сурат дар ҳар як маврид, ҳар як омил ба инобат гирифта мешавад ва имкони бароварадани ҳукми одилона меафзояд. Далелҳои адолат дар ҷараёни суд аз он вобаста аст, ки **институти адвокатӣ** то чӣ андоза мустақил ва боэътимод кор мекунад. Аз ин рӯ, номзад ба мақоми Президент пешниҳод мекунад, ки адвокатура ба як институти мустақил ва боэътимоди ҳифзи қонун табдил дода шавад. Дар натиҷа на танҳо боварии мардуми мо ба суд зиёд мешавад, балки тафаккури ҳуқуқӣ дар ҷомеа зиёд шуда, волоияти қонун таъмин мегардад.

Агар гӯем, ки пешниҳоди дар Кодекси ҷавобгарии маъмурӣ бекор кардани **чораҳои кӯҳнашудаи ҷавобгарӣ**, кам кардани татбиқи ҷарима аз ҷониби мақомоти маъмурӣ ва додани ваколатҳои васеъ ба суд аз забони аксарият аст, хато намекунем. Зеро танҳо бо татбиқи ҷарима ва ситонидани он мушкилот пурра ҳал намешавад. Ҳукми аз ҳама одилонаро бояд суд барорад.

Дар Барномаи пешазинтихоботии номзад ба мақоми Президент Абдушукур Ҳамзаев махсусан зикр шудааст, ки **пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия** яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мост. Номзади мо ҳамчун роҳи ҳалли воқеии мушкилот инҳоро пешниҳод мекунад:

институти назорати ҷамъиятӣ ва шунавоии ҷамъиятӣ инкишоф дода мешавад;

чораҳо оид ба **вусъат додани ошкорбаёнӣ ва шаффофият** дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва тамоми сохтор, хариди давлатӣ пурзӯр карда мешавад;

кафолатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии хидматчиёни давлатӣ мустаҳкам карда мешаванд.

Дарвоқеъ, коррупсия як иллати хатарноки иҷтимоӣ буда, ба тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеа таъсир мерасонад. Мубориза ба муқобили решакан кардани он бояд ҳамеша мақсади асосии ҳар яки мо бошад. Дар ин бобат ибрати шахсӣ ва ҷидду ҷаҳд доштани ҳар як роҳбар махсусан муҳим аст.

Мо мебинем, ки дар Барномаи пешазинтихоботии номзад инчунин оид ба рушди минбаъдаи **нигаҳдории тандурустӣ, таълим, илму фарҳанг** вазифаҳои гуногун гузошта шудаанд. Махсусан, масъалаҳои ба куллӣ **беҳтар намудани хидмати тиббӣ ба аҳолӣ ва боз ҳам тараққӣ додани тибби халқӣ** барои ҳар як шаҳрванд аҳамияти калон дорад. Ҳамчун механизми муҳими иҷрои ин вазифаҳо зарурати пурзӯр намудани назорат аз болои риояи талаботи иҷозатнома аз ҷониби шахсони ба фурӯши яклухт ва чаканаи доруворӣ ва **рушди клиникаҳои давлатии стоматологӣ** бо мақсади коҳиш додани арзиши хидматрасонии стоматологӣ дар соҳаи тиб таъкид мекунад. Дар баробари ин, аҳамияти таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои зеринро таъкид мекунад:

**дар соҳаи санитарӣ-эпидемиологӣ** пешгӯӣ ва арзёбии хатарҳои воқеӣ, **мониторинги эпидемиологии хуруҷи табиии бемориҳои сироятӣ** ва маҷмӯи тадбирҳои пешгирикунанда бар зидди эпидемия ба амал меояд;

**асосҳои ҳуқуқии расондани хидмати тиббии иҷтимоӣ** ба табақаҳои камдаромади аҳолӣ ва онҳое, ки дар маҳалҳои аз ҷиҳати экологӣ номусоид зиндагӣ мекунанд, таҳия ва ҷорӣ карда, барои инкишофи тибби халқӣ чораҳо андешида мешаванд.

Бояд гуфт, ки дар Барномаи пешазинтихоботии номзад таклифу тавсияҳое, ки ба зиёд кардани самарадории таълими томактабӣ, таълими халқӣ, касбӣ-техникӣ ва мактаби олӣ нигаронда шудаанд, низ дақиқ тартиб дода шудаанд. Ҳарчанд дар тӯли ин солҳо дар соҳаи таълим борҳо ислоҳот сурат гирифта бошад ҳам, дар соҳа масъалаҳои ҳалталаб зиёданд.

Татбиқи пайгирона ва самараноки **Консепсияи рушди таълими экологии Ҷумҳурии Ӯзбекистон** барои вазифаҳои барномавии пешниҳоднамудаи номзад ба нақша гирифта шудааст. Баланд бардоштани маданияти экологии аҳолӣ тавассути татбиқи самараноки системаи таълимии пайвастаи экологӣ дар кишвари мо масъалаи хеле мубрами рӯз ба ҳисоб меравад.

Дар баробари афзудани аҳамияти масъалаҳои экологӣ дар ҷомеа касбҳои нав пайдо мешаванд, зарурати самтҳои нав ҳис карда мешавад. Бар асоси ин, мо ҳадаф дорем, ки **феҳристи соҳаҳои касбу ҳунарҳоеро**, ки ба **иқтисодиёти «сабз» мувофиқанд** ва дар рушди он саҳм доранд, тартиб диҳем ва омӯзиши кадрҳоро ба роҳ монем.

Дар системаи таълими олӣ кор дар ин бобат пайгирона давом дода мешавад. Тайёр намудани кадрҳои баландихтисос дар соҳаи экология ва ҳифзи муҳити зист дар асоси гранти давлатӣ вусъат дода, раванди тайёр кардани омӯзгорон бо назардошти талаботи замон ислоҳ карда шуда, дар ин замина **муассисаҳои нави таълимӣ** таъсис дода мешаванд, ки ба ҷорӣ намудани технологияи муосир нигаронида шудааст. Дар марҳилаи оянда барнома ва грантҳои тадқиқоти илмӣ, ки ба ҳавасмандгардонии тадқиқоти мушкилоти экологӣ нигаронида шудаанд, ҷорӣ карда мешаванд.

Дар барнома васеъ намудани доираи **тадқиқоти экологӣ ва фаъолияти инноватсионӣ** дар инкишофи илм пешбинӣ шудааст.

Таклифҳои номзад оид ба инкишофи сиёсати берунӣ ва ҳамкории байналхалқӣ низ ҷолиби диққатанд. «Таҳкими амнияту субот ва муносибатҳои дӯстонаи ҳамсоягӣ бо кишварҳои ҳамсоя дар самти сиёсати хориҷӣ ва рушди ҳамкориҳои байналхалқӣ пайваста идома хоҳад ёфт», – гуфтааст номзад Абдушукур Ҳамзаев дар Барномаи пешазинтихоботии худ.

Аз ҷумла, идомаи ҳамкориҳои дӯстона ва амалӣ бо кишварҳои ҳамсоя, истифодаи ҳамкориҳои захираҳои табиии минтақаи мо, ҳалли мушкилоти мавҷудаи экологӣ бо назардошти манфиатҳои тарафайн, муколамаи амалӣ, меъёрҳои ҳуқуқии байналхалқӣ, ҳифзи олами набототу ҳайвонот, истифодаи тамоми қувваҳое, ки дар вазъияти эпидемия ва пандемия пешбинӣ шудаанд, якҷоя карда шаванд. Бо тавсеаи минбаъдаи ҳамкориҳои мутақобилан судманди кишварҳои Осиёи Марказӣ, ҳавасмандгардонии ворид намудани сармоягузориҳои экологӣ ба аҳолӣ низ барои сайёҳӣ имкониятҳои васеъ фароҳам оварда мешавад.

Бо мақсади таъмини рушди устувор форумҳои байналхалқӣ оид ба дурнамои тавсеаи ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва дигар кишварҳои хориҷӣ дар самтҳои инноватсионии экологӣ, рушди таълим ва дониши экологӣ гузаронида мешаванд. Дар татбиқи лоиҳаҳои истифодаи манбаи барқароршавандаи энергия дар кишвар ҳамкорӣ бо созмонҳои байналхалқӣ ва институтҳои молия густариш хоҳад ёфт.

Барои рушди фаровон ваояндаи устувори мо ҳама дар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон – раванди муҳими сиёсӣ фаъолона иштирок намоем!

**Равшанбек БЕГМАТОВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис, аъзои Шӯрои маркази Ҳизби экологии Ӯзбекистон.**

**БА ТАРАФДОРИИ АБДУШУКУР ҲАМЗАЕВ, НОМЗАД БА МАҚОМИ ПРЕЗИДЕНТӢ АЗ ҲИЗБИ ЭКОЛОГИИ ӮЗБЕКИСТОН ОВОЗ ДИҲЕД!**

*Таҳлил, хулоса ва пешниҳод*

# ДАР ОРЗУИ ЗИНДАГИИ БАРОҲАТ

Ба унвони як нафар алоқаманди рӯзнома ва фарде, ки муттасил бо матбуот сарукор дорам, аз мақола ва гузоришҳои таҳлилӣ хушам меояд. Дилам мехоҳад, хабарнигорон дар нигоштаҳои хеш, дар баробари сухан гуфтан аз дастовардҳои ин ё он соҳа, парда аз рӯйи мушкилот ва монеаҳое низ бардоранд, ки ба пешрафти ҷомеа халал мерасонанд.

Пас аз он, ки Шавкат Мирзиёев ба сифати сарвари давлат ба кор шурӯъ намуд, дар кишварамон фазои ошкорбаёнӣ то ҷое боз гардид, бо мурури замон дар дили журналистон оташи ҷасорат забона зад ва пасу пеш ба мақолаҳои таҳлилӣ рӯ оварданд. Бахусус, дар шабакаҳои иҷтимоӣ шаҳрвандон доир ба мушкилоти ин ё он соҳа бепарда сухан мегӯянд.

Фикр мекунам, ҳар як матлабе, ки дар матбуот ба маънои «корҳои мо ҳама хубу созанд» чоп мешавад, ба пешрафти ҷомеа такони ҷиддӣ намебахшад ва хонандагон низ ба хондани чунин навиштаҳо иштиёқ надоранд. Роҳбари давлат аз журналистон талаб дорад, ки дар матбуот бештар бо мақолаҳои таҳлилӣ баромад кунанд, бе биму ҳарос парда аз рӯйи камбудиву нуқсонҳое, ки ба пешрафти ҷомеа монеа эҷод мекунанд, бардоранд. Гуфтаҳои созандаи ӯ, аз қабили «халқ бояд аз мо розӣ бошад», «бояд дар ҳар кору амали мо адолати иҷтимоӣ риоят шавад», «на халқ ба идораҳои давлатӣ, балки идораҳои давлатӣ бояд ба халқ хидмат кунанд», «дар кору фаъолияти мақомоти давлатӣ бояд шаффофият бошад»... журналистонро водор месозад, ки ба ниёзҳои мардум таваҷҷуҳ зоҳир намоянд. Вақте ки дар байни халқ аз ин гуфтаҳо сухан ба миён меоварем, ёфт мешаванд нафароне, ки аз сиёсати ҷорӣ норозӣ ҳастанду ба гуфтаҳои шумо эътироз баён мекунанд, чунончи: «Ин гуна суханон барои назарфиребӣ гуфта мешаванд. Бояд одами якуми давлат тимсоли адолат бошад ва ҳоказо». Аммо, ба ақидаи инҷониб, ҳеч як сухани роҳбари давлат барои назарфиребӣ гуфта намешавад! Ӯ, воқеан, мехоҳад, ки шаҳрвандони Ӯзбекистони Нав зиндагии баҳузуру ҳаловат (комфорт) ва бо тамоми имконот дошта бошанд.

Ҳар гуна мавзӯи муҳимро худи ҳаёт дар пеши аҳли қалам мегузорад. Ин мавзӯъ аз чӣ иборат аст? Он, бешак, ҳамон рӯйдоди воқеӣ ё ҳиссиётиест, ки инсонро мутаваҷҷеҳ месозад ва водор мекунад, ки сари он биандешад. Дар ин робита ишқу муҳаббат, Ватан, инсон, маҳбуба, модар, забони модарӣ... аз ҷумлаи мавзӯъҳое ҳастанд, ки як умр дар ин ё он инсон зиндагӣ мекунанд.

Чунончи, дар ҷомеаи мо омӯзишу парвариш ба забони давлатӣ, ба дигар забонҳои миллӣ ва дар кул, ба роҳ мондани омӯзиши босифат ва самарбахш дар мактабҳои миллии таълими ҳамагонӣ аз омилҳои асосии пешрафт ба шумор меравад. Дар Ӯзбекистони кунунӣ беш аз 130 миллату халқият умр ба сар мебаранд. Дар байни қавмҳои бумӣ миллати тоҷик ҳам аз ҷиҳати нуфус ва низ аз назари қадимат мақоми шоиста дорад. Дар канори ӯзбекон таҳҷоӣ будани халқи мо аз он гувоҳӣ медиҳад, ки Ӯзбекистон ватани таърихии тоҷикон низ мебошад.

Пӯшида нест, ки аз ҷониби созмонҳои ҷаҳонӣ, алалхусус СММ, доир ба ҳуқуқ ва озодии қавму халқиятҳои бумӣ қонунҳои махсус ба тасвиб расида ва қавлҳое дода шудааст, ки онҳо ба доштани зиндагии баҳаловат мусоидат менамоянд. Аз мутолиаи қонунҳои байналхалқӣ кас чунин натиҷа мегирад, ки офарандагони онҳо ба қавму халқиятҳои дунё гӯё ки назари худоӣ доштаанд. Назари худоӣ, яъне чӣ? Худо, дар баробари дигар мавҷудоти олам қавмҳоро офарид ва ба ҳар қавм забон ва чеҳраи фарҳангӣ ато намуд. Пас, сарҳадҳо нисбианд, сайёраи Замин — ягона бошишгоҳи инсон ба ҳамаи ақвоми дунё тааллуқ дорад ва забону чеҳраи фарҳангии қавмҳо, сарфи назар аз он, ки дар кадом мамлакати дунё ба сар мебаранд, бояд нигоҳ дошта шавад. Бисёр мехостам, ки сарони давлатҳо ва сиёсатмадорони ҷаҳон ба ақвоми дунё назари худоӣ дошта бошанд, бо худхоҳию худкомагӣ гуногунрангии фарҳангҳои миллиро маҳв насозанд, ба рушди ҳар кадоми онҳо шароити мусоид фароҳам оваранд...

Дар мактабҳои таълими ҳамагонии кишвари мо таълим ба ҳафт забон роҳандозӣ шудааст. Баъди дастрасӣ ба истиқлол дар Ӯзбекистон 21 октябри соли 1989 ба забони ӯзбекӣ мақоми давлатӣ дода шуд. Ин маънои онро дошт, ки тамоми коргузориҳо дар идораҳои давлатӣ ба забони давлатӣ сурат мегирад. Бо вуҷуди ин, Қонуни Асосӣ ва Қонуни забони давлатӣ корбурди забонҳои миллиро дар маҷлису ҷамъомадҳо манъ накард. Тибқи ин қонун миллатҳои дигар, аз ҷумла тоҷикон, дар ҷойҳое, ки зич умр ба сар мебаранд, ҳаққу ҳуқуқи комил доранд ва забони модарии худ табодули афкор намоянд, маҷлис гузаронанд, дари мактабҳои худро кушоянд, шиору деворовезаҳоро ба забони модарии худ навишта дар ҷойҳои ба назар намоён насб намоянд ва ҳоказо. Ҳокимиятҳои маҳаллӣ, ки ёвари ҳукуматанд, бояд дар маҳалҳо ин ҷиҳати Қонуни Асосӣ ва Қонуни забони давлатиро ба назари эътибор гиранд. Вале сад афсӯс, бино ба маълумоте, ки аз мактабҳои тоҷикӣ ба мо мерасад ва гоҳе худ шоҳидаш мегардем, ҳокимиятҳои маҳаллӣ аз ин ҷиҳат дасткӯтаҳӣ мекунанд, аз фароҳам овардани имконоти бештари омӯзишу парвариш худдорӣ менамоянд ва ин беэътиноӣ то ҷое расида, ки ҳатто иҷозат намедиҳанд овезаҳо ба забонҳои миллӣ навишта шаванд. Мушоҳида мегардад, ки чунин сарнавиштро мактабҳои тоҷикӣ низ доранд. Хеле аҷиб, мактаб тоҷикӣ аст, ҳама ба тоҷикӣ ҳарф мезанад, вале шиору деворовезаҳо ба забони ӯзбекӣ. Баҳона чӣ? Азбаски забони давлатии Ӯзбекистон забони ӯзбекист, шиору деворовезаҳо ҳам бояд ба забони давлатӣ бошад. Дар ин маврид ба гӯшаи хаёли касе намеояд, ки эҳтимол дорад халқҳои дигар бо мурури вақт аз забони модарии худ маҳрум гарданд.

(Давомаш дар саҳ.4).

# ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН АЗ РУШДИ МИНБАЪДАИ ҲАМКОРИҲОИ БИСЁРҶАНБА ДАР ДОИРАИ СҲШ ҶОНИБДОРӢ КАРД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Президенти Ӯзбекистон ба фаъолияти СҲШ дахл намуда, эътибори ҳозиронро ба он ҷалб сохт, ки комёбии созмони мазкур бо бечунучаро риоя кардан ба равандҳои асосии он таъмин мегардад. Ин мақоми ғайриблокӣ, эътимоди қатъӣ ба ошкорбаёнӣ, баробарҳуқуқӣ ва дар пояи ҳамҷиҳатӣ қабул кардани қарорҳо мебошад.

– Аз ҳама муҳимаш, ҳамкории мо ба эҳтироми тарафайн ва қабули конструктивии манфиатҳои гуногун, мавқеъҳо, нуқтаи назар, гуногунрангии мадании давлатҳои аъзо асос мекунад, – изҳор дошт роҳбари мамлакати мо.

Ба мақсади минбаъд нигоҳ доштан ва пурзӯр кардани нақши асосии СҲШ ҳамчун сохтори самарабахши байналхалқӣ дар ҳаллу фасли масъалаҳои хеле рӯзмарраи рӯзномаи минтақавӣ пешниҳод шуд, ки муоҳида ва қарорҳои қабулшуда, аудити фаъолияти идораҳо ва механизмҳои ҳамкорӣ таҷдиди назар карда шаванд, ҳамчунин иҷрои шартномаҳо оид ба навсозии СҲШ тезонида шавад. Зарурати татбиқ сохтани лоиҳаи муштараки тадқиқотӣ бинобар рушди пешомадноки созмон дар доираи анҷумани коршиносии СҲШ таъкид гардид.

Бо дарназардошти рӯзномаи ҳамоиш Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон бобати рушди минбаъдаи ҳамкорӣ дар доираи созмон таклифҳои мушаххас пешниҳод намуд.

Аз ҷумла, роҳбари кишвари мо ташаббуси коркарди ҳуҷҷати бисёрҷанбаи сиёсӣ – Кодекси ҳамсоягии нек, эътимод ва шарикии наздисарҳадии СҲШ-ро пеш гузошт.

– Қабули ин ҳуҷҷат имкон медиҳад вазифаҳои афзалиятнок мушаххас, муносибатҳои умумӣ ва чораҳои маҷмӯӣ бобати минбаъд амиқсозии ҳамкорӣ дар шароити нав коркард шаванд, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Роҳбари Ӯзбекистон таъкид намуд, ки давлатҳои СҲШ бинобар нишондиҳандаҳои рушди саноатӣ ва инноватсионӣ пешқадам буда, дорои иқтидори азими интеллектуалӣ мебошанд, захираҳои ғановатманди энергетикӣ ва аграрӣ доранд.

– Ҳоли ҳозир ташаббус дар бораи ташаккул додани соҳати умумӣ барои зиёд кардани савдои дохилиминтақавӣ ва кооператсияи саноативу технологӣ беш аз пеш рӯзмарра мебошад, – қайд кард сарвари Ӯзбекистон.

Ба ин маънӣ Президенти мамлакати мо пешниҳод кард, ки Барномаи мулоқоти нави иқтисодии СҲШ бо фарогирии чунин самтҳо, аз ҷумла рушди инноватсионӣ, рақамикунонӣ ва роботкунонӣ, интеллекти табиийӣ, биотехнология, дорусозӣ ва соҳаҳои дигари саноати оянда қабул карда шавад.

Ба мақсади пешбурди лоиҳаҳо бинобар самтҳои зикршуда роҳбари давлат дар Ӯзбекистон баргузор кардани Ҳафтаи шарикии инноватсионии минтақаҳои давлатҳои аъзои СҲШ-ро бо ба роҳ мондани намоишгоҳи муштараки технологияҳои олӣ пешниҳод намуд. Ба масъалаҳои нақлиётиву коммуникатсионӣ дахл карда, Президенти Ӯзбекистон коркарди Харитаи ягонаи иртиботи тарафайни нақлиётии давлатҳои СҲШ-ро пеш гузошт.

– Ин имкон медиҳад «ҷойҳои нозук» ва «норасоиҳо» муайян карда, чораҳои аввалиндараҷа ва лоиҳаҳо барои ташаккул додани низоми қаробатии нақлиётиву транзитӣ андешида шаванд, – зикр намуд ӯ.

Роҳбари кишвари мо Соли экология дар ҳудуди СҲШ эълон шудани солиояндаро дастгирӣ карда, пешниҳод намуд, ки дар доираи татбиқ сохтани Барномаи «камари сабз» Дурнамои ҳаракати муштарак бинобар пешбурди лоиҳаҳои минтақавии экологӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои «сабз» тайёр карда шавад.

– Дар соҳати СҲШ бинобар масъалаҳои обсозиш ба тағйироти иқлим, пешгирии карбон, татбиқи технологияи тоза, рушди энергетикаи муқобил, офтобӣ ва бодӣ, рушди хоҷагии қишлоқи «ақлӣ» ва сарфаи об ҳамкориҳои беш аз пеш қарин ва саъю кӯшишҳои амалӣ заруранд, – изҳор дошт роҳбари давлати мо.

Президенти Ӯзбекистон омода будани кишвари моро барои дар пойгоҳи Донишгоҳи байналхалқии сайёҳӣ ва мероси фарҳангии «Роҳи абрешим» дар Самарқанд гузаронидани конфронси илмию амалӣ бинобар рушди саноати сайёҳии СҲШ дар доираи иҷлосияи ҷашнии Ассамблеяи генералии Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ моҳи октябри соли ҷорӣ ибрози назар намуд.

Роҳбари давлат ба муҳимияти татбиқ кардани сиёсати ҳамоҳанг ба мақсади ҳамаҷониба кушода додани иқтидори ғановатманди маданиву инсонпарварии СҲШ махсус таваққуф намуд. Вобаста ба ин ҷорӣ намудани таҷрибаи ташаккул додани Тақвими ҳарсолаи мунтазам баргузор кардани мубодилаи фарҳангӣ ва тайёр кардани Барномаи чорабиниҳо бобати вусъат додани табодули ҷавонон – «СҲШ – ҳудуди ғояҳои наҷиб ва ташаббусҳои оянда» пешниҳод шуд.

Саъю кӯшиши беҳтар шудани фаъолияти Сохтори минтақавии зиддитеррористии СҲШ-ро зикр намуда, роҳбари кишвари мо бо таклифи баргузор кардани ҷамъомадҳои сайёри Шӯрои Сохтори минтақавии зиддитеррористӣ, ки ба ин сохтор имкон медиҳад дар масъалаҳои муносибати оҷилона ба таҳдидҳои замонавӣ нисбати амният қодир бошад, баромад кард.

Вазъияти мураккаб дар Афғонистон низ ҳамчун яке аз масъалаҳои муҳим зикр шуд.

Президент таъкид кард, ки давлатҳои Созмони ҳамкории Шанхай, ки ҳамсояҳои бевоситаи Афғонистон ба шумор мераванд, пеш аз ҳама, аз дарёфти роҳи ҳаллу фасли дарозмуҳлати сиёсӣ манфиатдор мебошанд.

Вобаста ба ин пешниҳод гардид, ки кор ва машварати муштарак дар шакли Гурӯҳи иртиботии «СҲШ – Афғонистон» аз нав ба роҳ монда шавад.

Бинобар ҷамъбасти чорабинӣ роҳбарони давлатҳои аъзои СҲШ ба ҳуҷҷатҳои зерин:

– Баённомаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои СҲШ дар Ню-Деҳлӣ;

– Қарор дар бораи тасдиқ намудани Стратегияи рушди иқтисодӣ дар минтақаи СҲШ то соли 2030;

– Қарор дар бораи анҷом додани тартиботи қабули Ҷумҳурии Исломии Эрон ба узвияти СҲШ ва ба вай додани мақоми давлати узви СҲШ;

– Қарор дар бораи имзои Меморандум оид ба ӯҳдадориҳои Ҷумҳурии Белорус ба мақсади гирифтани мақоми давлати узви СҲШ имзо гузоштанд.

Ғайр аз ин 10 ҳуҷҷате, ки ба минбаъд пурзӯр кардани ҳамкориҳои тарафайни иқтисодӣ ва трансформатсияи рақамӣ, таъмин сохтани амнияти минтақавӣ вусъат додани робитаҳои фарҳангиву инсонпарварӣ нигаронида шудаанд, қабул гардиданд.

Навбати раисӣ дар СҲШ ба Ҷумҳурии Қазоқистон гузашт.

# ДАР ОРЗУИ ЗИНДАГИИ БАРОҲАТ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Дар Ўзбекистон мактаб нахустин ва беҳтарин муассисаест, ки халқро бо тамоми дороияш – забон, фарҳанг, таърих, расму оини миллӣ ва ҳоказо тарбият мекунад, билхосса, барои рушду нумуи забони модарӣ имконият медиҳад. Ҳар қавму халқе, ки ба забони модарии худ мактаб надорад, бешубҳа, аз ин дурри гаронмоя – забони модарӣ ҷудо хоҳад шуд. Чунин хатари ҷиддии маънавиро мо дар аксари мавзеъҳои тоҷикнишин дида метавонем. Ба мушоҳида мерасад, ки дар бисёр маҳалҳо бо «ташаббус»-и худи тоҷикон гурўҳҳои ўзбекӣ кушода мешаванд, ба ҷойи тоҷикӣ таълим ба забонӣ ўзбекӣ ҷорӣ мегардад, ҳатто омўзгорон аз падару модарон талаб мекунанд, ки барои баланд бардоштани сатҳи забондонии фарзандонашон дар оила (!) бояд ба забони ўзбекӣ ҳарф зананд. Бисёр ҳаммилатони мо бо ин гуна талабу ҳолатҳо созиш ҳам мекунанд... Мутаассифона, ин қабил афрод дарк намекунанд, ки чунин ҳодиса барои миллат фоҷеа аст!

Аз ҷониби муассисоти табъу нашри Ўзбекистон ба роҳ монда шудани чопи китобҳои дарсию бадеӣ ба забони қавму халқҳои дигар аз дастовардҳои истиқлол аст. Ҳамчунин, дар Ўзбекистон ба забонҳои миллӣ, аз ҷумла ба забони тоҷикӣ, бо ороишу пероиши хуб рўзномаю маҷаллаҳо рўйи чопро мебинанд. Вале агар мактабҳои тоҷикӣ пасупеш баста шаванд, ё бо мурури вақт мардум аз асолати худ дур шавад оё ин нашрияҳо вуҷуд дошта метавонанд?

Ҷойи баҳс нест, ки шаҳрвандони Ўзбекистон, аз ҷумла тоҷикон, бояд забони давлатиро дар сатҳи коргузорӣ ва муомила донанд. Бо назардошти ин, таълими забони давлатӣ дар мактабҳои миллӣ, аз ҷумла гурўҳу мактабҳои тоҷикӣ, аз синфи 2 то синфи 11 роҳандозӣ гардидааст, ки ба донистани забони давлатӣ дар сатҳи муомила ва коргузорӣ мусоидат менамояд. Вале ин маънои онро надорад, ки халқҳои дигари бумӣ аз асолат ва забони модарии худ дур гарданд. Барои онҳо омўзиш гирифтану парвариш ёфтан ба забони модарӣ то андозае аҳамиятнок аст, ки на камтар аз забонӣ давлатӣ.

Имрўз вазъу ҳоли таълими забони давлатӣ ва забони модарӣ дар мактабҳои миллӣ чӣ гуна аст? Оё дар тақсими дарсҳои забони давлатӣ ва забонҳои миллӣ дар мактабҳои таълими ҳамагонӣ адолати иҷтимоӣ риоят шудааст? Сифати таълими фанни забони модарӣ дар мактабҳои тоҷикӣ дар кадом поя аст?

Сад афсўс, вазъияти таълим дар мактабҳои миллӣ қаноатбахш нест. Ошкоро мебинем, ки тақсими соатҳои таълимӣ (ба забони давлатӣ ва забони модарӣ) аз рўйи адолати иҷтимоӣ роҳандозӣ нашудааст. Инро ҷадвали дарсии пешниҳодгардида аз ҷониби Вазорати таълими халқи ҷумҳурӣ, ки барои солҳои хониши 2022-2023 тааллуқ дорад, собит менамояд. Ба мушоҳида мерасад, ки мутобиқи он ҷадвал доираи омўзиш ва парвариш ба забонҳои миллӣ, аз ҷумла ба забони тоҷикӣ, дар кишвари мо тангтар шудааст. Дар сурате ки миқдори соатҳои таълими забонҳои миллӣ, забони тоҷикӣ низ, нисбат ба соатҳои таълими забони давлатӣ бояд бештар бошад...

Тавре ки дар боло қайд намудем, чандест, ки мактабҳои миллӣ, аз ҷумла мактабҳои тоҷикиро худи давлати Ўзбекистон бо дастуру китобҳои дарсӣ таъмин менамояд. Ин падидаи нек шоистаи таҳсин аст. Дар ин бахш аз буҷети давлат пули калон ҷудо карда мешавад. Вале чанд сол аст, ки омўзгорони мактабҳои тоҷикӣ аз паст будани сифати тарҷумаи китобҳои дарсии фанҳои иҷтимоиву дақиқ изҳори норозигӣ мекунанд, ба идораҳои болоӣ шикоят мебаранд, аммо натиҷае нест. Доир ба паст будани сифати тарҷумаи китобҳои дарсӣ рўзномаи Шўрои Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис, Сенати Олий Маҷлис ва Девони Вазирони Ҷумҳурии Ўзбекистон – «Овози тоҷик» маводи зиёде чоп кард, вале натиҷаи матлуб нест. Ба назар мерасад, ки масъулини Маркази таълим ба ин масъалаи муҳим аз пушти панҷа менигаранд. Дар аксари вақт онҳо тарҷумаи китобҳои дарсиро ба «тарҷумон»-ҳое месупоранд, ки лаёқати тарҷумонӣ надоранд, забони меъёрро хуб намедонанд. Масъулияти мутарҷимиро ба инобат нагирифта, барои тарҷумаи китобҳо вақти бениҳоят кам ҷудо мекунанд, кори муҳаррирону мусаҳҳеҳонро дуруст ба роҳ намондаанд. Бе шубҳа, паёварди чунин хунукназариҳо ва набудани таваҷҷуҳи лозим аст, ки китобҳои пур аз иштибоҳ ва камсифат ба чоп расида, боиси норизоият ва дилсардии падару модарон низ мегардад.

Чанд соли охир аз ҷониби давлат ба хотири он, ки дар муассисаҳои таълими олӣ ҷавонони боиқтидор таҳсил намоянд, чораҳои муҳим барои барҳам додани фасод ва тамаъҷўйиҳо андешида мешавад. Ин иқдомро бояд табрик гуфт. Зеро рушди мамлакат ба мутахассисони донишманду чашмикордон иртиботи ногусастанӣ дорад. Ҷорӣ гардидани тест ва имтиҳонсупории фосилавӣ низ то ҷое имконият фароҳам меоварад, ки ҷавонони болаёқат ба муассисаҳои таълими олӣ дохил шаванд.

Дар ин робита бояд зикр намуд, ки масъалаи тест ба забони тоҷикӣ ҳанўз ҳаллу фасл нагардидааст. Дар аҳди шўравӣ, бино ба хоҳиши хатмкунандагон ё падару модарони онҳо, довталабон ҳуқуқи ба забони модарӣ супурдани имтиҳонҳои қабул ба муассисаҳои таълими олиро доштанд ва баъди дохил шудан дар донишгоҳу донишкадаҳо, сарфи назар аз забони таълимашон, таҳсилро бомуваффақият давом медоданд. Ин раванди судбахше буд, ки имрўз низ бояд зинда шавад.

Ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, баста шудани гузаргоҳҳои сарҳадии ду давлат, нарасидани китобҳои дарсӣ, масъалаи нострификатсия ба мактабҳои тоҷикӣ зарбаҳои сахту сангин овард. Дар он рўзгор дар байни аҳолӣ овоза паҳн шуда буд, ки дигар дипломҳои муассисаҳои таълими олии Тоҷикистон ба кор намеоянд. Ин ҳолат дар дили мардум ҳисси яъсу ноумедиро ангехт ва ба хулосае омад, ки дигар аз мактабҳои тоҷикӣ бўйи умед нест, бояд фарзандонашро бо хоҳиши худ (хоҳиши ғайритабиӣ) ба дигар мактабҳо супоранд...

Бисёр мешунавем, ки зиёиён – чи тоҷик ва чи ғайритоҷик, иброз медоранд, ки худи тоҷикон намехоҳанд фарзандонашон дар мактабҳои тоҷикӣ таълим гиранд. Аммо онҳо ҳеч сари ин масъала намеандешанд, ки чаро тоҷик фарзандашро дар мактаби тоҷикӣ хонондан намехоҳад? Ҷойи баҳс нест, ки тибқи қонунҳои фаъоли мамлакат забони таълими фарзандонро падару модарон интихоб менамоянд. Вале бояд гуфт, ки ҳолат табиӣ ва ғайритабиӣ мешавад. Ҳолати табиӣ ҳамон ҳолатест, ки барои ба забони модарӣ таълим гирифтани фарзандони халқҳои дигар ҳукумат ҳамаи шароити зарурииро фароҳам овардааст. Бигирем, сифати китобҳои дарсӣ ба талаб ҷавоб медиҳанд, фарзандон, баъди хатми мактаби миёна барои дохил шудан ба муассисаҳои таълими олӣ тестҳоро ба забони модарии худ месупоранд, шиору деворовезаҳо дар мактабҳо ва мавзеъҳое, ки қавмҳои бумӣ зич истиқомат мекунанд, бо забони онҳо навишта шудаанд, ба тангкунии доираи забонҳо роҳ дода намешавад ва ҳоказо. Ҳолати ғайритабиӣ бошад, ҳамон ҳолатест, ки барои ба забони модарӣ таълим гирифтани насли ҷавон шароити зарурӣ мавҷуд нест: эътибор ба таълими забони модарӣ дар мактабҳо суст аст, сифати китобҳои таълимӣ ба талаб ҷавоб намедиҳад, фарзандони халқҳои дигар баъди хатми мактаби миёна ба забони модарии худ имтиҳон супорида наметавонанд, тибқи Қонуни забони давлатӣ шиору овезаҳо дар мактабҳои миллӣ ва дар ҷойҳое, ки миллатҳои дигар зич зиндагӣ мекунанд, ба забони модарии онҳо навишта нашудаанд ва ҳоказо.

Дар тўли таърихи дароз тоҷикон ҳамеша ба забони модарии худ арҷ гузоштаанд. Вагарна ба ин забони зебову шево беш аз 5 ҳазор девон тадвин намешуд, «Шоҳнома» ва «Маснавии маънавӣ» барин осори мондагор арзи ҳастӣ намекард... Биноан, агар дар ҳамаи кишварҳо аз ҷониби дастандаркорон шароити зарурӣ фароҳам оварда шавад, ин миллати тамаддунсоз бо хоҳиши худ дар ду дунё забони таълими фарзандонашро дигар намекунад...

Бояд гуфт, ки ду-се зиёӣ ё патриоте, ки аз паст будани сатҳи забондонии мардум дар кишварамон, ба талаб ҷавоб надодани сифати таълим дар мактабҳо, бино ба хоҳишҳои ғайритабиии падару модарон пўшида шуда истодани дари мактабҳои тоҷикӣ, ғайриқаноатбахш будани сифати китобҳои дарсӣ ва дигар мушкилот садо баланд мекунанд ва дар ин хусус ба идораҳои болоӣ менависанд, барои рушди фарҳанги миллӣ ва ба забони модарии худ таълим гирифтани фарзандони халқ шароити зарурииро фароҳам оварда наметавонанд. Баръакс, бо ҳар баҳона, онҳо ба таъқибу фишорҳо дучор мешаванд. Фикр мекунам, бо ин кор, бо назардошти Эъломияи СММ доир ба ҳуқуқи миллатҳои таҳҷоӣ ва Конститутсияи Ҷумҳурии Ўзбекистони Нав бояд ҳукумат ҷиддан машғул шавад. Бино ба маълумоти расонаҳо, дар Ўзбекистони кунунӣ расман беш аз 1 миллиону 700 ҳазор тоҷик умр ба сар мебарад. Ҳол он ки аҳолии баъзе кишварҳо беш аз 1 миллион нафар асту бас. Дар ҳамаи мамлакатҳо механизми кору амалҳои ба ҷамъият дахлдорро, бино ба салоҳдиди зиёиён ва олимон, ҳукумат кор карда мебарояд. Ҳамчунин собит шудааст, ки дар анҷом додани ҳар гуна кори тарғиботию ташвиқотӣ матбуоти кишвар, аз ҷумла телевизиони марказӣ, саҳми босазо дорад. Мисолан, мо ҳеч надидаем, ки тавассути телевизиони марказӣ аз ҳаёти мактабиёни тоҷике, ки таҳсилро дар муассисаҳои таълими олии мамлакат (сарфи назар аз забони таълимашон) сарбаландона идома дода истодаанд, ё доир ба мушкилоти мактабҳои тоҷикӣ телеочерк ё филми мустанадеро намоиш дода бошанд. Дар ҳоли ҳозир ташкилот, идора ё марказе вуҷуд надорад, ки аз мушкилоти мактабҳои тоҷикӣ сухан ба миён орад...

Ҳар гуна мушкилие, ки дар ҷомеа ба амал меояд, бояд ҳал гардад, ба хусус, барои миллати таҳҷоие мисли тоҷик. Фикр мекунам, дар акси ҳол забон, урфу одат ва фарҳанги миллати мо, ки дар ин марзу бум аз аҳди бостон вуҷуд дошт ва нақши калидӣ дар сохтани ҷамъияту давлат дорад, рў ба таназзул хоҳад овард...

**А. СУБҲОНОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Ба муносибати 100-солагии Аминҷон Шукўҳӣ*

# ШУКЎҲӢ БУДУ ЧУНИН МЕНАВИШТ



Шеъри хуб вақте «ба оҳанг даромад» ва аз ҷониби овозхон иҷро гашт, дилангезии дигар пайдо мекунад. Муғанниву мутрибон одатан ба шоирони лирик муроҷиат мекунанд, ба шеърҳои равону хушоҳанг. Гўяндаи ин гуна шеърҳо чун «сурудновис» низ маълум ва машҳуранд.

Дар солҳои панҷоҳум, шастум ва ҳафтодум зиндаёд Аминҷон Шукўҳӣ дар сафи ин гуна суханварон, ки бо оҳангсозу овозхонҳо бештар ҳамкорӣ доранд, мақоми босазо дошт. Ба гуфтаи яке аз ҳамдеҳагон ва шогирдонаш Нурмуҳаммад Ниёзӣ (равонаш шод бод) «Шукўҳӣ ҳануз дар охири солҳои чилум бо нафаси гарми ишқ ба майдони адабиёт ворид гашт ва аз ҳамин гармиву самимият тору пуди ҳама осори назмиву насрии вай танида шудаанд».

Даҳҳо офаридаҳои Аминҷон Шукўҳӣ, ки дар адабиёти муосири тоҷик чун сарояндаи ишқ ҷойгоҳе дорад, ба пайдоиш ва болу парзании беҳтарин сурудҳои тоҷик асос гардидаанд.

«Суруди чашмасор» ном дошт нахустмаҷмўааш (1948). Баъд дафтарҳои шеъриаш бо унвони «Ватани сулҳ», «Рўзҳои мо», «Садои дил», «Муҳаббат ва оила», «Нафаси гарм», «Арзи қалам» ва ҳоказо рўйи чоп диданд. «Чормағз» дар ибтидои асри нав бознашр гардид.«Шохаи райҳон» ва «Баргҳои тилоӣ» низ «бо шеърҳои ба назар тару тоза» дар рўзҳои мо ба дил ва рўҳамон хуррамӣ бахшиданд.

Мегўянд Шукўҳӣ маҳз барои суруду сурудаҳои ширадораш соли 1965 ба Ҷоизаи давлатии ба номи Рўдакӣ сазовор шудааст. Ва ҳамин сурудҳо ба маҳбубияти томи ў дар байни хосу ом бештар сабаб шудаанд.

Як вақтҳо ҳамсинҳои роқими ин сатрҳо нафақат «Муҳаббат»-и Шукўҳиро аз тариқи радио ё магнитафон бо завқ мешуниданд, балки дар «дафтарҳои кисагӣ», дар «дафтарҳои хотира» мисраъҳои дилпазири ин шеърро сабт мекарданд:

*Муҳаббат – мавҷи дарёи*
*хурўшон,*
*Муҳаббат – чашмаи дилҳои*
*ҷўшон.*
*Муҳаббат – меҳри дунё, субҳи*
*уммед,*
*Муҳаббат – навбаҳори умри*
*инсон.*
*Муҳаббат хона дорад дар дили*
*ман,*
*Аз он равшан чароғи маҳфили*
*ман...*
*Муҳаббат омаду дунё дигар*
*шуд,*
*Гуле, боғе, баҳоре ҷилвагар*
*шуд.*

«Муҳаббат»-ро ба кӣ бахшида буд шоири хушбаён? Ба ҳамсари бовафояш, ки Муҳаббат ном дошт. Онҳо хушбахт буданд?

Ба зану шавҳар, ки якдигарро хуб мефаҳмиданд, ҳаёти худро бе якдигар тасаввур карда наметавонистанд ва дар ҳаёти оилавӣ аз хушбахттаринҳо буданд, Худо панҷ фарзанд ато кард.

Яке аз писарони Шукўҳӣ Каримҷон Ҳоҷибоев, ки алъон дар Америко ба сар мебарад, дар бораи ҳаёти оилавии волидони хеш ин тавр гуфтааст: «Падару модари ман аз рўйи одобу анъаноти вақт оила барпо карда буданд, вале байнашон меҳру муҳаббат қавӣ буд. Маҳз ҳамин буд, ки Аминҷон Шукўҳӣ шоири маъруфи ашъори ишқӣ эътироф гашт. Он вақт дар рўзгори суннатии мо вохўрӣ бо духтар ва ибрози муҳаббат пушти пардаи шарм ва анъаноти мардуми кўҳистон монда буд ва кам мардоне аз ишқ, аз муҳаббати худ ошкор ҳарф мезаданд. Аммо падарам баъди оила барпо кардан ин қолабро шикаст ва шеърҳои сирф ошиқона навишт. Дар шахсияти шоирии Шукўҳӣ нақши модарам бориз аст».

Шукўҳӣ дар як шеъри худ мегўяд, «Агар ҷавонӣ боз меомад... боз туро меҷустам, туро меёфтам!»

Ин шеър низ далел бар он ки Шукўҳӣ аз ҳаёти хонаводагӣ, аз тақдиру сарнавишти хеш (аз он ки Муҳаббат дар пешониаш будааст) бисёр мамнун ва шукргузор аст. На ба ҳар кас, на ба ҳар шоир насиб мекунад ин гуна саодат.

Нусхаҳои поки падару модар (фарзандҳо) гирди дастархони оилавӣ ба ситораҳо мемонданд. Модарро моҳ мешумурданд, падарро хуршед...

Вале падару модари хушбахт канори ҳам ба пирӣ расиданд? Ба тўйи набераҳо сар шуданд?

Шояд бар асари вазнини кор (роҳбари Кумитаи телевизион ва радиои ҷумҳурӣ) Аминҷон Шукўҳӣ дар авҷи камолоти эҷодӣ саломатӣ бой дод – сактаи мағзи сар. Лозим омад барои аз кор рафтан ариза нависад.

Баногаҳ маълум шуд солимии нахустфарзанди хонадон Наҷминисо низ хуб нест. Як дарди Шукўҳӣ ду дард шуд. Духтар орзуҳои зиёд дар дил дошт. Баъди хатми риштаи филологии донишгоҳ дар хона-музейи Муҳаммадҷон Раҳимӣ ба пажўҳиш машғул буд ва мехост адабиётшинос шавад. Вале...

Январи соли 1979 дар бемористони Қарияи Боло Наҷминисо аз олам гузашт. Хазоншавии он вуҷуди аз даҳ як гулаш нашукуфта волидонро ба чӣ ҳол афканд? Замин сахт, осмон баланд. «Ситора куҷост? Дар кадом гўшаи дури фалак?»

Зилзила сахт такон дод хонадонро. Ларзонд... Хусусан ҳаёти саробони оиларо. Хароб гардид қалъаи зиндагиаш. Бале, марги фарзанд барои падар фоҷиае буд таҳаммулнопазир. Сактаи мағзи сар аз нав хурўҷ кард ва моҳи майи соли 1979 ба ҳаёти адиби нуктадон нуқта гузошт. Ҳанўз 56-ро пур накарда буд Шукўҳӣ.

Ба донишкадаи мо чӣ тавр расидани ин хабари нохуш ҳамон дар хотирам. Соли хониш ба поён мерасид – дар пеш имтиҳонот.

«Аминҷон Шукўҳӣ...» Пичир-пичире, ки сар шуд, ба гўши мо, донишҷўён, ки ба ҳарҷӣ кунҷкобӣ мекардем, аранг расид. Вале ҷуз «Аминҷон Шукўҳӣ» чизи дигар нафаҳмидем. Гумон кардем Шукўҳӣ аз Душанбе ба Ленинобод (Хуҷанд) меоянд, вохўрӣ мегузаронанд. Хурсанд ҳам шудем. Баногаҳ ҷияни адибро дидем, ки аз мо як курс боло мехонд. Вай мегирист. Аввал ҳайрон шудем. Баъд фаҳмем, Шукўҳӣ вафот кардаанд...

Навъе ишора рафт, аксарияти томи ашъори Шукўҳӣ дар мавзўи ишқ. Кас гумон мекунад ин мавзўъ – безарар. Ба мавзўъҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ бояд эҳтиёт кард. Як ҳарфи ноҷо бало оварданаш мумкин ба сари шоир. Вале шеъри ошиқона низ, тавре фикр мекунем, чандон «бехавф» набудааст. Шоири ўзбек Абдулло Орифов дар «Биринчи муҳаббатим» («Муҳаббати нахустин»)-и хеш навишт: «Мен кимга суянгайман, биринчи муҳаббатим?» Дар «боло» ўро ба исканҷа кашиданд, гуфтанд, чизи такямекарда надорӣ? Ба партия такя кун!

Ин гуна ҳолат ба Шукўҳӣ низ рўй дода будааст. Яке аз ғазалҳояш бо чунин байт ба охир мерасад:

*Куҷо, охир, барам ман арзи*
*шабҳои фироқамро,*
*Ки бар дилдодагон ғайр аз дили*
*ҷонон вазорат нест.*

Назар ба нақли писари калонии шоир Ҳакимҷон, баъде ин шеър дар рўзномаи «Тоҷикистони советӣ» эълон гашт, муаллифро мақомот ҷеғ зад. Гуфтанд «барои дилдодагон вазорат нест» гуфтанат аз ҷиҳати сиёсӣ нодуруст аст, вазорат ҳаст ва ба ҳар кор қодир, он метавонад муносибатҳои оилавӣ – масъалаҳои ишқу ошиқиро низ ҳал кунад!»

Бо ин сарзаниш қонеъ нашуданд дар мақомот. Ба Мирзо Турсунзода, ки дар Маскав буд, занг заданд ва гуфтанд бубинед шогирдатон чӣ гуна шеъри аз нигоҳи сиёсӣ хато навиштааст.Нақл мекунанд, баъди бодиққат хондани ин мисраъҳо Турсунзода лабханд кардаанд ва гуфтаанд «шеъри хуб аст, агар шоир ҳатто мегуфт, ки бар дилдодагон ҳукумат нест, ман зери он имзо мегузоштам, ба Шукўҳӣ кордор нашавед!»

Донишҷў будему ду-се моҳи мавсими ғунучини пахтаро дар саҳро мегузарондем. Чанд сол қабл «Чормағз» баромада буд (дубайтиҳои Шукўҳӣ), ки ҳамон аз даст ба даст мегузашт. Мазмун – обнарасида, қофия – устувор... Хиргоҳӣ мекарданд донишҷўён: «Диламро деҳ, ки ман бедил намонам...»

Шукўҳӣ баробари назм дар наср табъ меозмуд. Дар ҳамқаламӣ бо Ҳилолиён Аскар аввал «Шаҳло», пасон қиссаҳои «Шаҳло ва Шифо», «Имзои шахсӣ»-ро навишт. Баъдтар бо саъйи ҳарду романи «Печутоби роҳҳо» рўйи дунё дид. Чанд ҳикояи лирикии Шукўҳӣ чун шеър хушсадост. «Парии ҷазира»-аш, айни замон, повести лирикӣ, ки дўстдорони адабиёт як вақтҳо бо як нишаст онро хонда мебаромаданд. «Муллолатиф» (меваи табъи латифи адиби зариф) бо наср шавишта шуда бошад ҳам, чун достон эътироф шудааст.

Шукўҳӣ барои бачаҳо низ менавишт. Шеъру суруд, ҳикоя ва қиссаҳои яке аз дигаре марғуб: «Ил-18 омад», «Баррачаи дупо»...

Нақл мекунанд бачаҳоро беҳад дўст медошт. Вақти бачаҳои худро пурмазмун мегузаронд. Мешуд, ки бо онҳо футбол ҳам бозад. Аз нақли писараш Ҳакимҷон: «Ҳар сол вақти гули лола аз Душанбе ба Хуҷанд меомаданд. Мо, бачаҳоро ба кўҳи Мевағул лолачинӣ мебурданд». Духтараш Махфират: «Мо аз кор омадани падарро интизор мешудем, медонистем, ки бароямон китоб меоранд. Ман як шеър навиштаам дар бораи падар».

Шояд бо оби чашм навишта ў ин шеърро...

Достонҳои насрии бачагонаи Шукўҳӣ «Об аз куҷо меояд?» ва «Асад ва Самад»-ро аз маҷаллаи «Машъал» мехондем овони бачагӣ. Олам-олам завқе, ки он солҳо гирифтаем, ҳамон ба диламон нур ва ҳузур мебахшад. Ёд меорем бачагии худро бо як ҳузни ширин. Ба худ мегўем ҳоло куҷо бошанд дўсти айёми бачагиамон Асад ва Самад?

Боре гузорамон ба Рўмон (зодгоҳи Шукўҳӣ) афтод. Манзараҳо гўё шинос ва ба дил қарин. Асаду Самади шўху шаддоду кунҷкоб дар ҳамин кўчаҳо равуо, дар ҳамин ҷўйбор оббозӣ карда бошанд?

Агарчи ба Шукўҳии дилҷавон умри дароз насиб накард, асарҳое чун «Асад ва Самад» дарозумранд. Аз рўйи ин асар филми бадеӣ офарида шуд. «Об аз куҷо меояд?» дар Америко бо англисӣ рўйи нашр дид. Воқеан, мароқангез ин гуна достонҳо, ки на ҳар адиб...

Шукўҳӣ буду чунин менавишт.

**Муҳаммадҷон ШОДИЕВ,**
*шаҳри ТОШКАНД.*

# ЧОРВОДОРӢ СОҲАИ СЕРДАРОМАД ВА МАНФИАТОВАР

***Таъмини аҳолӣ бо гўшт, маҳсулоти гўштии хушсифату арзон, шир ва маҳсулоти ширӣ ба рушди чорводорӣ вобаста мебошад. Ҳамчунин он бошуғлфарогирии аҳолиро таъмин намуда, манбаи даромади изофӣ мебошад. Ноҳияи дурдасти Томдии вилояти Навоӣ ба чорвопарварӣ ихтисосонида шудааст. Дар дашту биёбонҳои беохири он ба рушду ривоҷи чорводорӣ эътибори махсус дода мешавад.***

Дар ноҳия асп ва шутурпарварӣ хуб ба роҳ монда шудааст. Мувофиқи қарори Президент, аз 18 феврали соли 2022, «Дар бораи чораву тадбирҳои боз ҳам ривоҷ додани чорводорӣ ва мустаҳкам намудани базаи хўрокаи он» ба соҳибкорон ва хоҷагиҳои фермерии соҳа имкониятҳои васеъ муҳайё гардидааст. Имрўз дар ноҳия 5554 сар чорвои шохдори калон, беш аз 341 ҳазор сар чорвои хурд парвариш карда мешавад. Дар ноҳия 235 хоҷагии фермерӣ фаъолият доранд. 105 хоҷагии фермерӣ ба парвариши чорвои хурди шохдор, 17-тои он ба аспparварӣ, боқимонда ба парвариши шутуру ҳайвони калони шохдор машғул мебошанд.

Хоҷагии фермерии «Бахт имкон ривож чорваси» аз зумраи хоҷагиҳое мебошад, ки рў ба ривоҷ дорад. Дар ин хоҷагӣ наздики 2000 чорвои калони шохдор, беш аз 300 сар бузи зотӣ парвариш карда мешаванд. Хоҷагӣ, ки дар заминаи технологияҳои нав ташкил шудааст, бо самаранокӣ афзалият дорад. Аз ҳар сар гов рўзе 25-28 литр, аз ҳар сар буз 3-3,5 литр шир дўшида мешавад. Хоҷагӣ ҳар рўз ба корхонаҳои коркарди шир наздики 20 тонна шир месупорад.

Хоҷагии фермерии «Рустемов медеу аяқудуқ» низ ба чорвопарварӣ тахассусонида шудааст.

– Мо мехоҳем фаъолиятамонро вусъат бахшида саршумори чорворо зиёд намоем. Бо ин мақсад аз Қазоқистон ба ивази 300 миллион сўм кредит 220 сар буз овардем. Ин миқдор имрўз аз 600 сар гузаштааст. 5 нафарро бо кори доимӣ таъмин намудаем, – мегўяд сарвари хоҷагии фермерӣ Бағдагул Жўртабаева. – Шири буз сифати баланд дошта, хусусиятҳои зиёди тиббиро дороcт. Бемориҳои камхунӣ ва меъдаро шифо бахшида, ба таъмини фаъолияти муътадили чашм мусоидат мекунад. Бағдагул ҳамеша дар хидмати мардум аст.

Ниятҳои зиёд дорад. Мехоҳад панҷ нафар фарзандашро дар ҳамин соҳа тарбия ва таълим диҳад. Ба ин мақсад дар гармои тобистону сармои зимистон дар дашти беканор машғули заҳмат аст. Хоҷагӣ аз марказҳои аҳолинишин дур аст. Омаду рафт ба марказҳо Бағдагулро душвориҳо пеш меовард. Сиёсати инсонпарварона ва дастгирии соҳибкорон буд, ки Жўртабаева бо машинаи сабукрав тақдир гардонида шуд. Рағбат Бағдагулро илҳом бахшид. Дар маркази ноҳия сехи истеҳсоли яхмосро аз шири буз ва гўсфанд ба роҳ монд. Ду нафар бекоронро бо кор таъмин намуд.

– Мувофиқи фармони махсуси Президент ҳудуди кишвар вобаста ба имконоти тараққиёт ва бартараф намудани тафовути нобаробарии иқтисодӣ ба панҷ минтақаи тоифавӣ ҷудо шудааст. Ноҳияи Томдӣ марбут ба тоифаи панҷум аст. Мувофиқи фармон соҳибкорон аз пардохти андози даромади шахсони ҷисмонӣ, яъне коргарони худ озод карда шудаанд. Ин фармон ба рушду нумўи соҳибкорӣ имконияти васеъ медиҳад. Ҷавонон аз ин имконот васеъ истифода мебаранд ва комёб мегарданд.

Шутурпарварӣ имрўз ба ҳукми анъана даромадааст. Ин пеша соҳибкорро даромади зиёд оварда, мизоҷонро манфиат. Шифобахш аст шири шутур. Мардум эҳтиёҷи зиёд доранд ба он. Ба таъбире бозоргир аст шири шутур. Пашми шутур харидори зиёд дорад. Ин ҳамаро Акерке Қулмағанбетова хуб дарк кард.

– Талабот ва эҳтиёҷи мардум ба ширу гўшт ва пашми шутур зиёд аст. Азми қавӣ гирифтам, ки ба шутурпарварӣ машғул шавам. Хоҷагии фермерии шутурпарварӣ таъсис додам, – мегўяд А. Қулмағанбетова. – Ҳар рўз мизоҷони зиёд аз гўшаву канори кишварамон меоянд. Шири гарми шутурро дар ҳамин манзил истеъмол менамоянд ва аз он шифо ҳам меёбанд, – сухани худро идома дод соҳибкор.

Шутурпарварӣ мушкилиҳои зиёд дорад. Бачаи шутур чун бузғолаву барраю гўсола зуд аз ҷо барнамехезад. Пойҳои дарози он нисбати тана камқувват мебошанд. Ҳафтаҳо онро рўйи даст дошта, аз модараш озуқа медиҳем. Ин ҳолат аз соҳибкор матонат, далерию кордонӣ ва иродаи мустаҳкамро тақозо дорад.

Соҳибкорони томдигӣ пайваста ҳаракат ба харҷ медиҳанд, ки дасторхони мардум аз маҳсулоти хушсифат ва арзони чорво фаровон бошад. Ва дар навбати худ соҳибкорон низ даромади хуб мегиранд. Чунин аст қонунияти иқтисоди бозорӣ.

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Ҷонишини сармуҳаррир
Тоҷибой ИКРОМОВ

Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

***Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.

Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-725. Адади нашр 4532 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
А. Субҳонов.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 01.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кўчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.